*Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар мубориза иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус, амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд.*
*Эмомалӣ РАҲМОН*

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 10 (12338)
10 марти
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



# Модар офаранда ва идомабахши ҳаёт аст

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар**
**07.03.2022, шаҳри Душанбе**

***Модарону бонувони гиромӣ!***
***Хоҳарони азиз!***

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи модар самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, хушбахтӣ ва рӯзгори босаодат орзу менамоям.

Рӯзи модар ҳар сол аз фаро расидани бедориву эҳёи табиат, яъне фасли зебои баҳор мужда мерасонад.

Дар ин падида як рамзи амиқе вуҷуд дорад, ки дар шахсияти муқаддас, сиришти муборак ва ниҳоди поки модарон нуҳуфтааст.

Маҳз ба ҳамин хотир мо рӯзи модарро ҳар сол бо эҳсоси гарме, ки аз муҳаббату навозиши модар сарчашма мегирад ва бо фараҳу шодие, ки омадани баҳор ба мо мебахшад, таҷлил менамоем.

Зан – модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад.

Модар мавҷудест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ӯро бо шири сафеду ҷонбахшаш ва бо муҳаббате, ки танҳо хоси модарон аст, тарбия мекунад, ба камол мерасонад ва ба чорсӯи зиндагӣ дуои нек медиҳад.

Бинобар ин, арҷ гузоштан ба бузургии модар, ба ҷо овардани иззату эҳтироми ӯ ва расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии вай вазифаи ҷониву имонии ҳар як фарзанди солимфикру соҳибхирад ва қарзи инсонии ҳар як фарди бонангу номус ба шумор меравад.

Зеро инсон дар ҳаёти худ дар сурате ба комёбиву муваффақият ва зиндагии бобаракат муяссар мегардад, ки дуои неки модар ва падарро гирифта, ба қадри ранҷу заҳмати волидайн, дилсӯзиву ғамхории онҳо ва шири сафеди модар расида бошад.

Хотиррасон месозам, ки масъулияти фарзандон барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар дар моддаи 34-уми Конститутсияи Тоҷикистон низ дарҷ шудааст.

Яъне мо бояд ба падару модари худ дар вақте ки онҳо зинда ҳастанд, хизмат ва меҳрубониву ғамхорӣ кунем, онҳоро дӯст дорем, ҳамаҷониба нигоҳубин намоем ва нагузорем, ки падару модарони мо хору зор шаванд.

Ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки баъди вафоти онҳо ҳар коре, ки дар ҳаққи онҳо анҷом медиҳем, ғайр аз дуо суде надорад.

***Ҳамватанони азиз!***

Зан – модар оинаи чеҳранамои миллат мебошад.

Дар урфият гуфтаанд, ки «Агар хоҳӣ, ки ба фарҳангу маърифати миллате баҳо диҳӣ, ба чеҳраи занону модарони он миллат нигар».

Мо ифтихор дорем, ки имрӯз модарон ва занону бонувони тоҷик дар ҷомеа мавқеи устувор доранд, барои пешрафти давлат саҳми босазо мегузоранд ва нақши созандаи худро барои ободии Ватани азизамон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

Тайи сӣ соли соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат тамоми тадбирҳоро роҳандозиву амалӣ намуд, ки мақом ва ҷойгоҳи иҷтимоии занону бонувонро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пешрафти давлат баланд бардорад.

Дар ин давра асосҳои миллӣ ва роҳу усулҳои ҳимояи ҳуқуқи занон таҳким бахшида, ҷиҳати таъмин намудани имкониятҳои баробари мардону занон ҳамаи заминаҳои қонунгузорӣ муҳайё карда шуданд.

Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти нақш ва саҳми созандаву бунёдкоронаи занону духтарон барои онҳо фазоеро ба вуҷуд овардааст, ки озодона таҳсил ва кор кунанд ва дар ҳамаи соҳаву арсаҳо баробари мардон фаъолият намоянд.

Дар Паёми навбатии Роҳбари давлат таъкид гардид, ки занону бонувон ҳамчун неруи фаъол ва пешбарандаи ҷомеаи Тоҷикистон бояд минбаъд низ дар фаъолияти вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, соҳаҳои бонкдорӣ, илму маориф, соҳибкориву тиҷорат ва бахшҳои дигар нақши мустақиму озодона дошта бошанд.

Яъне ғамхорӣ дар ҳаққи занону бонувон ва ҳарчи бештар ба корҳои давлату ҷомеа ҷалб намудани онҳо ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Чунки рушди муназзаму устувори ҷомеа бе иштирок ва саҳми фаъоли занону бонувон ғайриимкон аст.

Ҳоло тибқи дастури Роҳбари давлат бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023 – 2030» таҳия шуда истодааст.

Ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарон ва занону бонувон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон аз ҷумлаи вазифаҳои афзалиятноки Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад.

Дар робита ба ин, хотирнишон месозам, ки яке аз шартҳои муҳимтарини пешрафти давлат, осоишу суботи ҷомеа ва ободии Ватан модари босаводу соҳибмаърифат мебошад, ки метавонад фарзанди хушахлоқу донишманд ва худшиносу ватандӯстро тарбия карда, ӯро ба хизмати ҷомеа ва давлат ҳидояту роҳнамоӣ созад.

Мо дар ин самт барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, ҷалби духтарон ба таҳсил, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоем.

Мо дар ҳазорсолаи сеюм – давраи инқилоби техникиву технологӣ ва рушди босуръати шабакаҳои иттилоотӣ умр ба сар мебарем.

Ин воқеият ва дар айни замон, вусъат гирифтани равандҳи ҷаҳонишавӣ ҳар як оила, пеш аз ҳама, занону модарони муҳтарами моро водор месозад, ки барои тарбия кардани фарзандони солиму бомаърифат, забондон ва дорои ҷаҳонбинии васеъ, инчунин, аз таъсири ногувори ахлоқи зишт, кирдорҳои ношоям ва суннатҳои фарҳангии бегона эмин нигоҳ доштани онҳо кӯшиш намоянд.

Дар ин раванд, соҳиби ахлоқу одоби ҳамида гардонидани фарзандон ва ба зиндагии мустақилона омода кардани онҳо, яъне омӯзонидани нозукиҳои зиндагии оилавӣ низ вазифаи модарон мебошад.

Яке аз ҳадафҳои мо аз қабули қонуни миллӣ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» маҳз аз ҳамин иборат аст.

Мо бояд кӯшиш кунем, ки бонувону духтарони тоҷик соҳиби касбу ҳунар, саводу маърифат, илму дониш ва ҳунарманду кадбону бошанд, то ки дар зиндагиву рӯзгори оилавӣ ба азобу душворӣ рӯ ба рӯ нагарданд.

Дигар ин ки, саришта кардани рӯзгори хонадон, яъне идора намудани дороиву даромади оила низ аз модарону бонувон вобаста мебошад.

Бонувону занони муҳтарам бояд ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоянд ва ҳаргиз ба зиёдаравию исрофкорӣ роҳ надиҳанд.

Фаромӯш набояд кард, ки мардуми куҳанбунёди мо аз замонҳои қадим то ба имрӯз сарфаю сариштакориро асоси баракати зиндагӣ ва осоиши хонадон медонанд.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки модарону хоҳарони арҷманди мо дар баробари тарбияи насли аз ҷиҳати ҷисмониву маънавӣ солим, инчунин, дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва ободиву созандагии Тоҷикистони азизамон минбаъд низ саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Зеро зан – модар табиатан офаранда, созанда, парваришгар, ҷомеасозу ояндасоз ва идомабахши ҳаёт мебошад.

Бори дигар ҳамаи шумо, модарону бонувони азизу меҳрубон ва хоҳарону духтарони арҷмандро ба ифтихори Рӯзи модар ва фаро расии баҳор самимона ва сидқан табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо нуру сафо, сулҳу оромӣ, хушбахтиву иқболи нек, файзу баракат ва осмони соф орзу менамоям.

***Ҷашн муборак бошад, модарону хоҳарони арҷманд!***

*Барои дигарон зистан ягона хушбахтист.*
*Николай Чернишевский*

«Омӯзгор» № 10, 10 марти соли 2022

ДАР ВАЗОРАТ

## Вохӯрии вазир бо Ирина Лазаренко



2-юми марти соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтай Ирина Лазаренко ва ҳамроҳонаш баргузор гардид, ки дар он фаъолияти минбаъдаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии аз ҷониби Федератсияи Россия сохташаванда мавриди баррасӣ қарор гирифт.

И. Лазаренко зимни суҳбат зикр кард, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтай омода аст, ки дар самти интихоби ҳайати кадрӣ ва қабули хонандагон ба муассисаҳо, таҳияи нақшаи корию барномаҳои таълимӣ, муайян намудани мақоми муассисаҳо, таҳия ва омода намудани китобҳои дарсӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои мазкур ҳамкориро бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад.

- Мо омодаем, ки аз ҳисоби омӯзгорони ба ин муассисаҳо ба кор ҷалбшаванда 10 нафар омӯзгори технологияи иттилоотиро ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтай барои такмили ихтисосу бозомӯзӣ сафарбар намуда, дар баробари ин, бо таҷрибаи чанде аз муассисаҳои таълимии кишвар шинос намоем,-зикр кард И.Лазаренко.

Р. Саидзода-вазири маориф ва илм таъкид кард, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати то соли нави таҳсил омода шудани муассисаҳои таълимии мазкур тамоми чораҳои дахлдорро роҳандозӣ намуда, ҳамзамон, вобаста ба иҷрои пешниҳодҳои манзуршуда омодаи ҳамкорӣ аст.

-Дар баробари ин, бояд як нуктаро таъкид кард, ки барномаҳои таълимии муассисаҳои мазкур бо назардошти компонентҳои миллӣ таҳия шуда, омӯзиши ҳатмии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърих, ҳуқуқ ва географияи Тоҷикистон роҳандозӣ гардад,-зикр кард Р.Саидзода.

Ёдовар мешавем, ки аз ҷониби Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Турсунзода, Хуҷанд, Кӯлоб ва Бохтар идома дорад.

РАВОБИТ

## Рушди ҳамкориҳо

4-уми марти соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо Сафири Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмре Заки Карагёл баргузор гардид.

Зимни суҳбат зикр гардид, ки Ҷумҳурии Туркия яке аз аввалин кишварҳое, мебошад, ки Истиқлоли Тоҷикистонро расман эътироф намуда, муносибатҳои дипломатии худро бо Тоҷикистон ба роҳ монд. Инчунин, мероси адабии шоири бузургвори форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки тамоми ҳаёти эҷодии худро дар Туркия паси сар намудааст, барои ҳарду миллат дастоварди бузурги илмию фарҳангӣ ба шумор меравад.



Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаи маориф ва илм дар асоси «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф» аз 6 майи соли 1996 ба роҳ монда шудааст. Дар асоси Созишномаи мазкур Ҷумҳурии Туркия ҳамасола барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаи «Turkish Schoalarship» теъдоди муайяни бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо менамояд. Ғайр аз ин, дар асоси Созишномаи мазкур байни Тоҷикистону Туркия Комиссияи дуҷониба оид ба маориф ва илм таъсис ёфтааст, ки ҳайати он дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд ҷаласаҳои худро ба таври маҷозӣ ё ҳузурӣ баргузор намоянд.

Ҳамзамон, ҷониби Туркия ҳамасола дар доираи барномаи “Local INTERNATIONAL” курсҳои даҳрӯзаи омӯзишии истеъдоди идоракуниро барои шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (TIKA) фаъолият дорад, ки он бо як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар самтҳои расонидани кумакҳои техникӣ, ташкили лабораторияҳо, рушди кишоварзӣ ҳамкорӣ менамояд.

Ҷонибҳо аз ҳамкориҳои ҷойдошта изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон ҷиҳати рушду тавсеаи ҳамкориҳо таклифу пешниҳодҳои худро манзур намуданд.

## Мулоқоти судманд

3-юми марти соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо раиси Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии назди Президенти Ҷумҳурии Корея Пак Чон Су доир гардид.

Зимни суҳбат зикр гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо Кореяи Ҷанубӣ дар асоси созишнома ва Ёддошти тафоҳум, ки байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ



ба имзо расидаанд, ба роҳ мондааст.

Дар се муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода ба донишҷӯён забони кореягӣ таълим дода мешавад. Донишгоҳҳои мазкур бо як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Кореяи Ҷанубӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи Кимёнг, Донишкадаи Шоҳ Сеҷонг, Донишгоҳи Аҷоуа, Донишгоҳи таълими хориҷии Ҳанкук, Донишгоҳи Мусанг, Донишгоҳи Пай Чай ва Донишгоҳи миллии Ҷионбук шартномаи ҳамкорӣ доранд.

Раиси Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии назди Президенти Ҷумҳурии Корея Пак Чон Су зикр кард, ки кумитаи мазкур зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Кореяи Ҷанубӣ фаъолият намуда, барномаҳои зиёдро дар самти маориф татбиқ менамояд.

-Маҳз таваҷҷуҳ ба соҳаи маориф ва такя ба ҷавонони соҳибилм буд, ки дар як муддати кутоҳ Кореяи Ҷанубӣ ба кишвари саноатӣ табдил ёфт ва имрӯз бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешқадам шаҳрвандони зиёди кишварҳои хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ин кишвар ҷалб шудаанд, - зикр кард Пак Чон Су. – Имрӯз филиали се муассисаи таҳсилоти олии Кореяи Ҷанубӣ дар кишварҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд ва бо назардошти омӯзиши таҷрибаи онҳо метавонем, ки филиали баъзе аз муассисаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳем. Ҳамзамон, тибқи барномаҳои амалкунанда, донишҷӯёне, ки ихтисосҳои забони кореягиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хатм мекунанд, дипломи онҳо дар Кореяи Ҷанубӣ низ эътироф мешавад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар рӯйхати кишварҳои аввалини гирандагони грантҳо шомил аст, ки он барои самтҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшудаи афзалиятнок истифода мегардад.

Вазири маориф ва илми кишвар Раҳим Саидзода дар идома зикр кард, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба дар самти рушди соҳаи маориф тамоми тадбирҳои судмандро меандешад.

- Рушду тавсеаи ҳамкориҳо ва табодули донишҷӯёну омӯзгорон миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ, истифодаи грантҳо дар самти сохтмони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, зиёд намудани бурсияҳои таҳсилӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Кореяи Ҷанубӣ ва муҳимтар аз ҳама, омӯзиши таҷрибаи пешқадами маорифи Кореяи Ҷанубӣ аз зумраи иқдомҳоест, ки бояд дар мадди аввал роҳандозӣ гарданд,-зикр кард Р.Саидзода.

ҶАШН

## Таҷлили Рӯзи модар

5- уми марти соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовини якум ва муовинони вазир, кормандони дастгоҳи марказӣ ва бахшу сохторҳои зертобеи вазорат бахшида ба Рӯзи модар чорабинии идона баргузор гардид.

Дар оғоз Р. Саидзода-вазири маориф ва илм, аз дастгирӣ ва таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба бонувон ёдовар шуда, иброз дошт, ки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба ҳаёти занон таъсири амиқ гузошт. Соҳибистиқлолӣ чунин муҳитеро фароҳам овард, ки ҳар як фард, бахусус, занон имконияти муфиди худсозию худмуаррифиро дар ҷомеа ба даст оварда, дарк намуданд, ки онҳо низ ҳамчун як қувваи бузурги созанда метавонанд саҳми худро дар бунёд ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ гузоранд, метавонанд собит созанд, ки рисолати ватандориро бо тамоми вуҷуди худ эҳсос ва дарк менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз вохӯриҳояшон иброз доштанд: “Мо, тоҷикон, ки барҳақ яке аз миллатҳои қадимаву соҳибфарҳанги дунё ҳастем ва нақши тамаддунсозии моро оламиён эътироф кардаанд, аз он ифтихор дорем, ки дар давоми чандин ҳазорсолаи умри миллатамон занону модарони оқил, баномус ва соҳибхирад дар паҳлуи мардони корзори сарбаландиҳо ва фатҳу кушоишҳо будаанд ва барои озодиву истиқлолияти сарзамини аҷдодӣ далерона талошу мубориза бурдаанд”.

Дар фарҷоми ин ҳамоиш аз ҷониби вазири маориф ва илм ба бонувон туҳфаҳои идона тақдим гардид.

**Тоҷикистон ва Ӯзбекистон рақамикунонии низоми таҳсилотро баррасӣ карданд.**

ҶАЛАСА

# Омода намудани мутахассисон аз рӯйи равияҳои омӯзгорӣ дар мадди аввал

***Дар Вазорати маориф ва илм ҷаласаи кории вазири маориф ва илм оид ба омода намудани мутахассисон аз рӯйи равияҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ баргузор шуд.***

Зикр гардид, ки ҳадаф аз баргузории ҷаласаи мазкур иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мутахассисони соҳибкасб мебошад.

Вазири маориф ва илм Р. Саидзода зимни таҳлили вазъи омодасозии кадрҳои соҳаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ қайд кард, ки айни ҳол, дар ҷумҳурӣ 18 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ фаъолият менамоянд, ки мутахассисонро аз рӯйи 18 ихтисос омода менамоянд. Дар муассисаҳои мазкур 16511 нафар донишҷӯ таҳсил намуда, ба таълиму тарбияи онҳо 1282 нафар омӯзгор машғуланд, ки аз онҳо 3 нафар доктори илм ва 38 нафар номзади илм мебошанд.

Қабули донишҷӯён дар соли таҳсили 2021-2022 ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи омӯзгорӣ 5216 нафарро ташкил медиҳад, ки 57,8%-и нақшаи қабулро иҷро гардид.

- Таъкид бояд намуд, ки дараҷаи азхудкунӣ ва сатҳи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии мазкур қонеъкунанда нест. Чунончӣ, аз рӯйи маълумотҳои пешниҳодшуда ва санҷишҳои масъулони вазорат маълум мешавад, сатҳи азхудкунӣ дар маҷмӯъ, 86,5% ва сатҳи сифати таҳсилот ба 35,0 % баробар мебошад, - зикр кард Р.Саидзода. – Як қатор муаммое мавҷуд аст, ки бояд дар самти бартараф намудани онҳо чораҳои дахлдор андешида шавад. Аз ҷумла, кӯҳнаю фарсуда будани заминаи моддию техникии аксари муассисаҳои таълимӣ, норасоии неруи кадрии муассисаҳо аз ҳисоби омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидошта ва дар ин зинаи таҳсилот пешбинӣ нагардидани додани дараҷаи унвони дотсент ва профессор, нарасидани китобҳои дарсии тахассусӣ, барномаҳо ва дастурҳои илмӣ-методӣ, дар сатҳи зарурӣ, нагузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён, инчунин, дар сатҳи зарурӣ ҳамкорӣ надоштани муассисаҳои таълимӣ бо корфармоён ва корхонаҳои давлатию ғайридавлатӣ, ба ҷойи кор ҳозир нашудани мутахассисони ҷавон-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Дар идома, вазири маориф ва илм вобаста ба фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зикр кард, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ дар 16 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки самт ва равияи омӯзгорӣ доранд, мутахассисон омода карда мешаванд. Дар муассисаҳои мазкур 7423 нафар омӯзгор (2781 нафар 37,4% зан) фаъолият менамоянд, ки аз ин 2063 нафар 27,7% (691 нафар 33,5% зан)-ро омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта ташкил медиҳад.

Теъдоди донишҷӯён дар муассисаҳои мазкур аз рӯи самт ва равияи омӯзгорӣ 73252 нафар (аз ҷумла, 43347 нафар духтар)-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 49 673 нафар (аз ҷумла, 19580 нафар духтар) хатм намудааст, ки аз ин 16474 нафар (аз ҷумла, 10725 нафар духтар) ва ё 33,1%-ро донишҷӯёни самт ва равияҳои омӯзгорӣ ташкил медиҳад.

Дар соли 2022 бошад, хатми чашмдошт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 50897 нафар (аз ин 18123 нафар духтар) ба нақша гирифта шудааст, ки теъдоди донишҷӯёни самт ва равияҳои омӯзгорӣ 14005 нафар 27,5% (аз ин 8251 нафар духтар) мебошад.

- Бо вуҷуди ин, эҳтиёҷот бо кадрҳои омӯзгории баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба назар мерасад, - зикр кард вазир. - Дар робита ба ин, роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки масъалаи ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкунандагонро дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пайгирӣ намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомдода ҳар се моҳ ба Вазорати маориф ва илм маълумот пешниҳод намоянд. Ҳамзамон, нисбат ба хатмкунандагоне, ки аз ҳисоби буҷаи давлат ва квотаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил намудаанд ва то имрӯз бо сабабҳои гуногун ба ҷойи кор ҳозир нагардидаанд, тибқи талаботи амалкунанда ҷораҷӯӣ карда, аз натиҷаи он ба Вазорати маориф ва илм пайваста маълумот ирсол намоянд.



Дар идома вазири маориф ва илм Р.Саидзода таъкид кард, ки дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо вуҷуди дастовардҳо дар самти тайёр намудани мутахассисони равияи омӯзгорӣ камбудию норасоиҳо вуҷуд доранд. Хусусан, камбудию норасоиҳо дар самти татбиқи низоми кредитии таҳсилот, пешбурди фаъолияти таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ, баргузории сессияҳои санҷишию имтиҳонӣ, аттестатсияи хатм, таҷҳизонидани озмоишгоҳҳо, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо технологияҳои муосир ва истифодаи самаранокии онҳо аз ҷониби омӯзгорон дар раванди таълим, норасоии омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидошта, норасоии китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ ва ғайра. Масалан, теъдоди омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ 30,0%, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 17,7%, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 19,2%, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев 23,5%, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров 43%, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт 5,8%, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент 10,8%-ро ташкил медиҳанд, ки ин ҳолат нигаронкунанда мебошад.

Дар баробари ин, наздики 30% -и омӯзгорони дараҷаи илмидошта дар синни нафақа мебошанд. Инчунин, дар муассисаҳои мазкур теъдоди омӯзгорони синни то 35-солаи дорои дараҷаи илмидошта аз 5 то 12%-ро ташкил медиҳад. Фаъолияти муассисаҳои мазкур дар ин самт ба талаботи стандартҳо ва меъёрҳои институтсионалии муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷавобгӯй нест ва мушкилоти мавҷуда ба омода намудани мутахассисони соҳибкасби соҳаи омӯзгорӣ таъсири худро мерасонад.

Бинобар ин, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати омода ва таъмини омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта аз ҳисоби омӯзгорони ҷавон ва ҷалби онҳо ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Масъалаи дигар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин пешбурди фаъолияти таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки такмили ҷиддиро талаб менамояд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи қабули санҷишҳои фосилавӣ (марҳилавӣ) ва машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ нигаронкунанда буда, беҳбудиро талаб менамояд.

Тибқи талабот ҳадди ақали ҳаҷми машғулиятҳои аудиторӣ ҳузурӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда шудааст ва донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулиятҳои дарсӣ ҷалб карда шаванд.

Талаботи банди мазкур дар аксарияти муассисаҳои таълимӣ, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самт ба равияҳои омӯзгорӣ ба таври зарурӣ иҷро намегардад.

Бинобар ин, роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ чораҳои қатъӣ андешида, иштироки донишҷӯёнро дар раванди таълими низоми таҳсилоти фосилавӣ таъмин намоянд.

- Бо назардошти вазъи мавҷуда, зарур мешуморем, ки дар низоми таҳсилоти фосилавӣ бо мақсади иҷрои нақшаи таълимӣ ва омода кардани мутахассисони касбӣ дар соҳаи омӯзгорӣ донишҷӯёне, ки рейтинги 1-2-ро аз худ накардаанд, ҷиҳати ташкили дарсҳои ҳузурии иловагӣ барои пурра аз худ намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ чораҷӯӣ карда шавад, -зикр кард вазир.

Дар охир, Л.Абдулхолиқзода-муовини вазири маориф ва илм, С.Давлатзода-ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, А.Мирализода-ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Т.Хоҷазода-ректориДонишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия, Н.Шоҳиён-ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, М.Низомӣ-ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Н.Зокирзода-ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, М.Холиқзода-директори Филиали Донишгоҳи технологӣ дар ш. Исфара, З.Зокирова-директори Коллеҷи сайёҳӣ ва хизмат дар шаҳри Ваҳдат ба музокира баромада, андешаҳои худро доир ба масъалаи баррасишаванда иброз намуданд.

ИҚДОМ

## «Корвони китоб-2022» дар 15 шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар

Дар доираи озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи донои китоб аст» ва «Илм-фурӯғи маърифат» аз ҷониби ҳаракати фарҳангии «Корвони китоб-2022»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 то 12 март ҷиҳати амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳо ва татбиқи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва расонидани кумакҳо ҷиҳати мукаммалгардонии захираи китобхонаҳо бо китобҳои тозанашр, дар 15 шаҳру ноҳияи минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маъракаи тақдими китобҳо ҷараён мегирад.

Имсол Корхонаи воҳиди давлатии таъминот ва савдои «Китоб»-и Вазорати фарҳанг бо мақсади мукаммалгардонии захираи китобхонаҳо дар доираи маблағҳои ҷудошуда китобҳои тозанашр харидорӣ намуд. Сафари корвон аз ноҳияи Рӯдакӣ оғоз шуда, 545 нусха китоб ба маблағи 14337,52 сомонӣ ба китобхонаҳои ноҳия ройгон тақдим шуд.

Тибқи нақша, сафари «Корвони китоб-2022» дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон доир шуда, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ идома меёбад.

**Ҳамкории доираҳои соҳибкории Тоҷикистон ва Руминия густариш меёбад.**

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

# Чу неру ба бозуи хеш оварем...

*Ҳудуди 20 сол мешавад, ки аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ Паём ироа мегардад. Ба андешаи инҷониб, агар дар Паёмҳои солҳои нахуст як соли тақвимӣ натиҷагирӣ ва ҳадафу нақшаҳо барои соли оянда тарҳрезӣ мешуд, баъдан он ба як қутбнамою раҳнамо ва барномаи мукаммали чандсолаи Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон мубаддал гардид, ки муҳимтарини ин тамоюл эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба шумор меравад. Дар тӯли ин солҳо он нақшаву ҳадафҳоеро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ гузошта буд, то ҷое ба анҷом расонид ва ин таҷрибаро бо эълон намудани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» идома бахшид.*

Паёми имсола (21.12.2021) бори дигар собит намуд, ки Сарвари давлат ба ин ибтикороти хеш устувор аст ва дар далели он эълон шудани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» мебошад. Агар ин вижагии Паёми Президенти кишварро, ки солеро ба соҳае, масъалае ва мавзуе мебахшанд, таваҷҷуҳ намоем, пас дармеёбем, ки воқеан ҳам, дар доираи як сол метавон масоили умдаеро, ба монанди эълон гардидани соли 2009 ҳамчун соли «Бузургдошти Имоми Аъзам-Абуҳанифа», соли 2015 «Соли оила», соли 2017 «Соли ҷавонон» ва ғайра то ҷое барраси ва матраҳ намуд. Ҳамзамон, ин солҳо хусусияти маънавӣ, идеологӣ, худшиносӣ ва ҳувияти миллиро доро буданд, аммо дар доираи як сол тасмимҳои баъдие, ки фарогири масъалаҳои иҷтимоӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, беҳ намудани шароити зисту зиндагонии аҳолӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мебошанд, наметавон



татбиқ ва ҳал намуд.

Соҳаи илму маориф дар сиёсати Президенти кишвар мавқеи меҳвариро дорост, зеро «Пояи давлат маҳкам бе маориф устувор...» Ҳамин таъбири машҳур дар Паёми навбатӣ чунин садо дод: «Мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад». Ба қавли Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ:

*Чу неру ба бозуи хеш оварем,*
*Ҳунар ҳар чи дорем, пеш оварем.*

Чунин баҳои баланд гирифтани соҳаи маорифро аз руҷӯи ба пешниҳоди маълумоти ин соҳа аз ҷониби Президенти кишвар ҳис намудем: «Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ҳамеша аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад», ки фикр мекунам, рӯҳи тамоми аҳли маориф болида гардид. Зеро кори таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон, бахусус, дар замони ҷаҳонишавӣ сахлу осон нест ва таваҷҷуҳи рӯзафзуну ҷаҳду талош ва ҷонфидоиҳоро мехоҳад. Ҳамин гуна андешаҳоро дар Паёми соли қаблӣ низ метавон мушоҳида кард: «Мо барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тамоми шароити заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем ва ба ин восита ҷавонони мо рӯ орад ба омӯхтани илмҳои дақиқ, замонавӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳамин тариқ, н авовару ихтироъкор шавад. Роҳи ҳалли ин масоилро Роҳбари давлат дар эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» донистанд. Дар ин замина бо эҳтимоми дурандешонаю натиҷабахши қалби беҳтари наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат»-ро иқдом гирифтанд. Ҳамагон шоҳидем, ки дар радифи ду озмуни таконбахшу таҳриккунанда, ба мисли «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» озмуни сеюм низ самараи некро ба бор овард. Ҳадафи роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад, ки ин иқдомҳо ҳадафмандтарин ба шумор меравад.

Аҳли маориф дар баробари дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, Паёмро ҳамчун роҳнамо ва дастури кори худ қабул мекунанд. Дар ин самт бори дигар аз ҷониби Пешвои миллат таъкид аз рисолати омӯзгорӣ ҷиҳати тадбирҷӯӣ дар самти баланд бардоштани сифати таҳсилот ва масъулияти омӯзгор манзур гардид: «Илова ба ин, зарур аст, ки сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд».

Бо иродати қавӣ метавон гуфт, ки Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ паём аз таҷдиду бознигарии соҳаи маориф, баромадан ба марҳилаи нав буда, барои пешрафт ва рушди минбаъдаи маорифи миллӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

***Зебониссо БОБОАЛИЕВА,***
***номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба тарбияи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода***

ФАЪОЛИЯТ

# ХАТЛОН:
## Созмони талабагӣ рушд мекунад

Бахшида ба рӯзи таъсисёбии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ дар вилояти Хатлон ҳамоиш баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода, директори Муассисаи таҳсилоти иловагии вилоят Маърифат Ғуломзода, муовини раиси шаҳри Бохтар Наргис Қурбонзода, мудири маорифи шаҳри Бохтар Шамъигул Шарифзода ва дигар масъулон, омӯзгорон ва хонандагон иштирок доштанд.

Дар рафти чорабинӣ гуфта шуд, ки фаъолияти созмонҳои хонандагон дар тарбия ва ташаккули шахсияти хонандагон мавқеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Мақсади асосии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, омӯзиш ва эҳтироми таъриху фарҳанги милливу башарӣ, арҷгузорӣ ва ҳифзи арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва бо ин васила, ташаккули шахсият ва шаҳрванди фаъоли ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Яке аз роҳҳои ҷалби насли наврас, ҷавонон ба омӯзиш ва ҷилавгирии онҳо аз бекоргардӣ фаъолияти хуби муассисаҳои таҳсилоти иловагист. Чунки муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ яке аз омилҳои муҳими ғанӣ гардонидани малакаю маҳорат ва васеъ гардонидани ҷаҳонбинии кӯдакону наврасон ба шумор рафта, дар бедор намудани майлу рағбати хонандагон ба маҳфилҳои фаннӣ, эҷодӣ, касбию ҳунарӣ, варзишӣ нақши муҳимеро мебозад.

Дар поёни чорабинӣ сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода як қатор директорони фаъоли муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, роҳбарони пешсафи Созмони хонандагон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои вилоятро бо тӯҳфаву ифтихорномаҳо қадрдонӣ намуд.

# «Ватанпарвар» ва сарбозони оянда

Ҳамасола барои санҷиши донишу фаҳмиши хонандагон аз фанни омодагии дифои ҳарбӣ озмуни "Ватанпарвар" миёни толибилмони синфҳои 9 – 11 - и муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад. Аз муассисаи таълимӣ ва сатҳи шаҳрӣ-ноҳиявӣ беҳтаринҳо ба даври вилоятӣ роҳхат гирифта, фаъолтаринҳо бо ифтихорномаву тӯҳфаҳо қадрдонӣ мегарданд. Имсол низ чунин озмун ба ифтихори 29-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар миёни 16 шаҳру ноҳияи минтақа озмун баргузор гардида, ғолибон қадрдонӣ карда шуданд.

Фаррух Ҳотамов, муовини директори лоотию фаҳмондадиҳӣ доир карда шуданд.

Ф. Ҳотамов афзуд, ки дар асоси низомномаи озмуни ҳарбӣ – варзишии "Ватанпарвар" миёни муҳассилини синфҳои 8-11 – и муассисаҳои таълимӣ озмунҳои "Иншои беҳтарин" ва "Расми беҳтарин" низ баргузор гардид. Маводи таҳиянамудаи шогирдон аз тарафи ҳайати ҳакамон баҳогузорӣ карда шуданд. Дар озмунҳои "Иншои беҳтарин" ва "Расми беҳтарин" хонандагон нисбат ба солҳои қаблӣ хеле фаъол буданд. Толибилмоне, ки дар ин озмунҳо пешсаф буданд, қадрдонӣ шуданд. Бахусус, дар озмуни "Расми беҳтарин" хонандаи муассисаи таълимии №9-и шаҳри Бох-



Муассисаи таҳсилоти иловагии вилояти Хатлон, изҳор дошт, ки дар гузаронидани озмуни мазкур Раёсати маориф, Комиссариати ҳарбӣ, Кумитаи вилоятии ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи вилоят, раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш ҷалб карда мешаванд, ки намояндагонашон ҳайати тадорукотро ташкил медиҳанд.

Дар чорабинии озмунӣ роҳбарони ташкилотҳои зикргардида ва омӯзгорону хонандагони ширкат карданд. Ҳар кадоме аз дастаҳои шаҳру ноҳияҳо аз рӯи талаботи озмун маҳорати худро нишон доданд.

Барои дар сатҳи баланд доир намудани озмуни номбурда аз тарафи Муассисаи таҳсилоти иловагии вилояти Хатлон нақша – чорабинӣ тасдиқ гардида, дар асоси он дар муассисаҳои таълимӣ дар якҷоягӣ бо масъулини бахшу шуъбаҳои маорифи шаҳру навоҳӣ воҳӯриҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ доир карда шуданд.

тар ҷойи аввалро Нозима Эшонҷонова ишғол намуда, соҳиби тӯҳфа ва ифтихорнома гардид.

Давлатёр Назаров, хонандаи синфи 10-и муассисаи таълимии №18-и ноҳияи Хуросон изҳор намуд, ки муҳассилини муассисаҳои таълимӣ дар дарси омодагии дифоии ҳарбӣ бо қонуну қоидаҳои низомӣ шинос мешаванд. Яъне, аллакай, нафароне, ки пас аз хатми муассисаи таълимӣ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар мешаванд, то андозае омода мебошанд. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани дарси омодагии дифоии ҳарбӣ ва ташкили озмуни "Ватанпарвар" манфиатбахш аст.

Дар қисмати охири чорабинӣ ҳамаи дастаҳо бо тӯҳфаҳои омодакардаи ҳайати тадорукот ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

***С. АЗИЗӢ,***
***"Омӯзгор"***

**Шумораи 100-уми бюллетени иттилоотӣ «Оид ба роҳҳои мубориза бар зидди коронавирус дар кишварҳои ИДМ» нашр гардид.**

*Ватанпарастӣ хидмат ба ватан асту ватан мардум аст.*

*Николай Чернишевский*

ДИДГОҲ

# Ҷаҳонбинӣ ва андешаи худшиносӣ

**Инсон аз дигар махлуқоти олам бо андешаву гуфтор, амалу кирдор, одобу ахлоқаш фарқ дошта, камолёбии шахс бо ин махсусиятҳои азалӣ ташаккул ва сайқал ёфта, дар ҷомеа ба тартибу низом дароварда мешаванд. Ин тартибу низомро инсон бо таъсиси ниҳодҳо (асосан, оила ва мактабу маориф чун пояҳои аслии пайдоиши ҷомеа), ки ба онҳо ниёз дорад, барояш эҷод намудааст.**

Бо ҷаҳони ҳастӣ ва низоми иҷтимоӣ инсон муносибатҳои хешро ба шаклҳои гуногун барқарор намуда, шинохти онҳоро ба таври ногузир бо шинохти хеш аз сар мегирад. Ин шинохт бо қабули воқеият аз тариқи узвҳои ҳис сар шуда, бо «чашми хирад» таҳлил ва амалӣ мешавад. Ҳосили шинохти олами атроф боиси пайдоиши андеша, донишу илм, мушоҳидаву таҷрибаандӯзӣ ва иҷрои амалҳои гуногун мегардад. Тавре Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нигоштааст:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ*
*Киштие соз, то бад-он гузарӣ.*

Донишу илм гирифтан, амал кардану таҷриба андӯхтан, ҷаҳонбинии шахсро васеъ мегардонад ва ӯро ба фикру андеша намудан ҷалб карда, бештар ба самти фаҳмидану донистан раҳнамун месозад.

Худшиносӣ - таърихан ифодаи ҳаракати иҷтимоии фард, шахс, шахсият ва наслҳо буда, дар ҳар давру замон аз ҳисоби рисолату масъулияти ҳаётиашон, мазмунан пурраву мукаммал мегардад.

Ноогоҳӣ аз худ ва аз олами пурасрор хоси инсон набояд бошад.. Инсон дар мадди аввал оид ба масъалаи офариниш ва Офаридгор, пайдоиш ва мазмуни ҳастии хеш ҷавоб меҷӯяд. Ва вақте шахс Худоро чун Офаридгори хеш шинохт, дар замираш умеди мадад хостан ва наздикӣ ҷустан бо Худо барои ҳамеша пайдо шуд. Ин ишорае ба огаҳ шудан аз ҳастии Худо ва эътиқоду эътимод пайдо намудани инсон ба Ӯ мегардад.

Дар баробари ин, шахс ба таври фардӣ, бо шомилшавӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар муносибат бо дигар одамон, аз омӯзиши зиндагӣ гузашта, аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бардошта, беихтиёр ҷаҳонбиниаш васеъ ва мукаммал мегардад. Одатан, шахси дорои ҷаҳонбинии васеъ роҳи дурусти ҳаёт, рафтори дуруст ва амали дурандешонаро интихоб карда тавониста, аз ҳама гуна мушкилоти рӯзгор ба осонӣ баромада метавонад:

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Шахс ҳодисоту воқеоти табиӣ ва ҷамъиятиро вобаста ба сатҳи ҷаҳонбиниаш, дар доираи амалу рафтори хеш ва қиёс бо дигар одамон таҳлилу хулоса ва баҳогузорӣ намуда, мавқеяшро муайян мекунад. Аз дараҷаи ҷаҳонбинии шахс сатҳи худшиносиаш маълум мегардад. Тавассути худшиносӣ муносибати инсон бо олами ҳастӣ, бо аъзои ҷамъият ва рӯйдодҳои он, мавриди мушоҳида, дарккунӣ, омӯзишу таҳлил ва амал қарор мегирад. Инсон ба василаи сифатҳои хос, ахлоқу маърифати хеш арзишманд гардида, ба сатҳи шахсият мерасад, вагарна, ба қавли Саъдии ширинсухан:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши devору миёни одамият.*

Ташаккули ҷаҳонбинӣ бо талошу заҳмати мунтазами шахс иртибот дошта, дар ҷомеа барои ба талабот ҷавобгӯ намудани сатҳи он, шароиту имконотро ба вуҷуд овардан лозим аст. Тавре ишора намудем, ташкили муҳити созгор ва шароиту имконот бояд, пеш аз ҳама, дар оила, баҳри таълиму тарбия, дастгирии аъзои дигари ниёзманди он фароҳам оварда шавад. Дар баробари ин, дигар низомҳои масъули ҷомеа бояд вазифаи ташаккули шахсро ҳадафмандона ба иҷро расонанд.

Ба василаи худшиносӣ на танҳо олами ҳастӣ, балки ҷамъият мавриди дарки инсон қарор мегирад. Худшиносӣ арзиши муайянкунандаи моҳияти шахс буда, ин арзиш ҳосили ранҷу заҳматҳои ҳар як фард баҳри камолёбиаш, то “инсон шуданаш”, дар алоқамандӣ ва дастгирӣ бо дигар аъзои ҷомеа мебошад. Вобаста ба ин, шахс, ки унсури ҷудонопазири ҷомеа аст ва хешро агар хештаншинос ва огоҳ аз мушкилоти ҷомеа шуморад, аз он ҷудо буда наметавонад. Аз қавли Мавлавӣ:

*Ҳар ки ӯ бедортар, пурдардтар,*
*Ҳар ки ӯ огоҳтар, рухзардтар.*

Худшиносу худогоҳ шудан, бе омӯзиш ва мукаммал намудани ҷаҳонбинии кофӣ номумкин аст. Шахс, агар аз таърихи қавму миллаташ огаҳӣ ёбад, ба аҷдоди номдораш, ба ватанаш, ба забон, дину мазҳаб, фарҳанг, расму оин ва дигар арзишҳои бебаҳояш эҳтиром гузораду аз онҳо ифтихор дошта бошад, худшинос ҳисоб мешавад.

Зиндагиномаи Қаҳрамони миллат - Шириншо Шотемур мисоли мувофиқ ба ин андеша аст. Худшиносии Шириншо аз эътирофу омӯзиши мероси пурифтихори ниёгон, эҳтирому муҳаббатварзӣ ба зодгоҳ, таърихи забон, дину оин, аз пос доштани хотираи волидайн ва орзуву ормонҳояш ибтидо гирифтааст. Вай давоми умри хеле кӯтоҳаш тавонист мактаби худшиносии хеш, мактаби орзуву ҳавас, нангу номус, ҷасорату фидокорӣ, ростиву адолатҷӯӣ, ватанпарастӣ, созандагӣ ва ифтихорварзӣ аз қавму миллатро бунёд намояд ва моро лозим аст, ки дар ин рӯҳияи ҳақиқати таърихӣ, насли муосирро таълиму тарбия намоем.

Дар ин робита, бояд бидонем, ки ҳеҷ як қавму миллат наметавонад таъриху фарҳанг ва мавҷудияти хешро бе муттаҳидӣ, бе ваҳдати воқеӣ, бе сулҳу оромӣ ва бе умедворӣ аз оянда нигоҳ дорад.

Ваҳдату ягонагӣ, агар самимӣ ва фазои озод дошта бошад, дар одамон эҳсоси ҳаловат бардоштану худризоӣ пайдо шуда, дар ин замина талошу амалҳои нек баҳри расидан ба ҳамагуна ҳадафҳо иҷро мешаванд. Баръакс, шахс табиатан ва рӯҳан аз тариқи фишору зӯроварӣ ба муҳити ваҳдату ягонагӣ ворид шуда наметавонад. Ҳолати рӯҳӣ - равонии одамон аз иттиҳоди самимӣ, якдиливу якзабонӣ қувват гирифта, он гоҳ ҳалли ҳамагуна мушкилот имконпазир мегардад.

Ифтихорварзӣ ва арҷгузории аҷдодонамон аз қавму миллати хеш ва дӯстдорӣ аз макони зисташон буд, ки таърих ва ҳастиашонро то ба имрӯз нигоҳ дошта тавонистанд. Пас, мо аз дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва худшиносии гузаштагонамон ифтихор намуда, нисбати боло бурдани ин ду сифати волои инсонӣ, ҳифз, эҳё ва рушд додани дигар арзишҳои қавмӣ-миллиамон хастанопазир кор пеш барем.

Омӯзгорон бо таълиму тарбия дар ташаккули ҳаматарафаи наврасону ҷавонон, бахусус, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худогоҳиашон замина мениҳанд. Истифодаи таҷҳизоти муосир - интернету телефони мобилӣ, компютеру тахтаи электронӣ, видеопроектору планшет, фиттаҳо (дискҳо)-и таълимӣ, дарсҳои видеоӣ ва дигар маводу таҷҳизоти техникӣ, на танҳо шароиту имкони нав дар инкишофи шахс мебошад, балки аз ин манбаъҳо “сели ахбор” паҳн мегардад, ки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худогоҳии шахс, бахусус, насли муосир таъсири калон дорад. Дар фазои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дигар таҳаввулоти ҷомеа, диққати хонанда, ё худ шунавандаро ба раванди таълиму омӯзишҳо ҷалб намудан мушкилтар шудааст.

Имрӯз таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ бо ҷиҳози техникӣ ва ба ин роҳ таъмин намудани раванди гузариш ба низоми рақамикунонии соҳаи маориф, идомаи ислоҳоти давомноки ин соҳа буда, Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2021-2030 равнақи бештари онро талаб мекунад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «...бе дастрасӣ ба илму инноватсияи муосир, техникаву технологияҳои пешрафта ва ташаккули ҷаҳонбинии илмиву техникӣ, таъмин кардани пешрафти кишвар умуман, имкон надорад”.

Рушди технология ва рақамикунонии соҳаи маориф ба сифати таълиму тарбия ва омӯзишҳои минбаъдаи шахс тағйироти азим ворид месозад. Бахусус, ташкили ин раванди кор дар камолёбии наврасону ҷавонон, рушди касбӣ, ба ҳадафҳои ҳаётӣ расидан, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти онҳо таъсири арзишманд мегузорад. Вале, ногуфта намонад, ки аз ин таъсирот “гурехтан” имконнопазир аст ва баръакс, ин раванд бояд назорату доварӣ шавад, он гоҳ манфиаташ аз зарараш бештар хоҳад буд.

***Ғарибшо ҒАРИБШОЕВ,*** ***директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ, номзади илмҳои фалсафа***

МАЗАММАТ

# Терроризм – хатар ба ҷомеа

Терроризм воситаи амалӣ гардонидании нақшаҳои доимамалкунандаи гурӯҳҳои ифротгаро буда, бо роҳи тарсонидан, сохтани муҳити тарс, ваҳм дар байни мардум ҳаёти одамонро зери хатар гузошта, мақсади ғаразноки худро амалӣ месозад. Маънои террор тарс ва ваҳм аст. Террористон мехоҳанд, мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Амалҳои террористӣ бо роҳи бевосита содир намудани ҷинояти дорои хислати террористидошта дар шакли таркиш, оташзанӣ, истифода ё таҳдиди истифодаи воситаҳои ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ, илова бар ин, нобуд сохтан, зарар расонидан ё забткунии воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳо, сӯиқасд ба ҳаёти ходимони давлатӣ ё ҷамъиятӣ, намояндаи миллӣ, этникӣ, динӣ ё дигар гурӯҳҳои аҳолӣ, содир намудани дигар амалҳое, ки боиси хавфи ҳалокати одамон аст, равона карда шудаанд.

Дини мубини ислом ҳама гуна зуҳуроти экстремизм, терроризм, душманӣ, адоват, ҷанг ё задухӯрдҳоеро, ки неруҳои экстремистӣ ва террористӣ ба он даъват мекунанд, қатъиян маҳкум менамояд.

Наметавон ба ин андеша розӣ шуд, ки ислом дини зӯроварӣ ва бадбиниву адоват аст, зеро дар он намунаҳои зиёди инсондӯстию таҳаммулгароиро ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ пайдо кардан душвор нест. Чунон ки Президенти кишвар дар яке аз суханронии худ таъкид намуда буданд: «террорист дар асли худ миллат, мазҳаб ва Ватан надорад ва душмани Худову бандагони ӯст”. Бисёрии мутахассисон бар ин андешаанд, ки ҳамаи он воқеаҳои имрӯз дар ҷомеаҳои мусулмонӣ арзи вуҷудкарда, фақат натиҷаи сиёсатҳои истеъморӣ ва забткориҳои кишварҳои Ғарб тайи асрҳои охир аст ва мусулмонон ба ҷуз муқобилият аз ин тариқи зӯриву хушунат роҳи дигар надоранд. Вале бо вуҷуди ин, бояд эътироф намуд, ки мушкилоти ҷиддие, ки дар диндории имрӯзаи исломӣ ва ҷомеаҳои мусулмонӣ вуҷуд дорад, намегузорад, ки ин тамаддун, ҷузъи солим ва ҳамқадами ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ бошад.

Яке аз роҳҳои пешгирии паҳншавии ғояҳои ифротӣ ва созмонҳои террористиву экстремистӣ баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон мебошад. Маҳз маънавиёти баланд ва ҳисси ватандӯстӣ, тафаккури ободкорӣ шахсро аз гаравидан ба ҳизбу созмонҳо эмин нигоҳ медорад. Дар ин иртибот Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на як бору ду бор, балки зиёд дар баромадҳои худ таъкид намудаанд, ки бо тафаккури ваҳшатзои асримиёнагӣ дар асри бисту як зиндагӣ кардан хатарнок аст. Чунонки дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии кишвар дар ин иртибот зикр намуданд: «Барои ҳамқадами замона будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин кардан омӯзиши илму дониш, хусусан, илмҳои табиӣ, риёзӣ дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунар роҳи ягона ва дуруст мебошад. Зеро бо бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷомеа ба ҷойе намерасад. Такроран хотирнишон месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва давлат мегардад. Бинобар ин, падару модарон бояд шароит муҳайё созанд, ки наврасону ҷавонон, чи духтару чи писар бояд хонанд, илму дониш ва касбу ҳунар омӯзанд».

Имрӯз ҳар як фарди ҷумҳурӣ бояд дарк намояд, ки ошкору бартараф намудани зуҳури амалҳои номатлуб на танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин, вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди баномуси миллат мебошад. Ҳар як шаҳрванди баору номуси кишвар зарур аст, ки ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва ҳаргиз фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашавад.

***Шуҳрат САИДЗОДА,*** ***мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ, номзади илми сиёсатшиносӣ***

**Дар вилояти Суғд зиёда аз 19 ҳазор нафар занону духтарон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд.**

*Илм аз ҷаҳлу нодонӣ, адабиёт аз пастиву фурӯмоягӣ мераҳонад.*
*Николай Чернишевский*

«Омӯзгор» № 10, 10 марти соли 2022

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ**

# МАТЕМАТИКА:
## мушкилот ва дурнамои он

*Солҳои охир татбиқи технологияи иттилоотӣ дар риштаҳои гуногуни тадқиқотӣ ва омӯзишу рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф аҳамияти бештар пайдо карда истодааст.*

Рушду пешравии ҳар як соҳаи илм дар радифи омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, инкишофи сохтори фаннӣ, унсурҳо ва меъёрҳои он, инчунин, аз дараҷаи истифодабарии восита, усулҳо ва шеваҳои илмҳои табиӣ низ вобастагии зиёд дорад. Айни замон дар улуми муосири ҷаҳонӣ истифода аз шеваҳои риёзӣ, хосатан, шеваҳои оморӣ ва воситаҳои хеле пешрафтаи техникаи компютерию коммуникатсионӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ин зарурати баамаломадаро ба назар гирифта, масъалаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро ба миён оварда, баҳри татбиқи ин иқдом таъкид намуданд. Ин иқдом саривақтӣ ва муҳим буда, моро водор менамояд, ки дар баланд бардоштани донишҳои фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ саҳмгузор бошем. Зеро солҳои охир чунин ба назар мерасад, ки хонандагон ва волидайни онҳо бо баҳонаи мушкилии ин донишҳо аз омӯзиши донишҳои бунёдӣ канораҷӯӣ менамоянд. Барои ободии кишвар, барои ба вуҷуд овардани заминаи мутахассисони ояндасози миллат донишҳои фанҳои математика, дақиқ ва табиӣ хеле зарур мебошад. Айни замон зарурати дар мактаб омӯхтани фанни математикаро хонандагон ва падару модарони онҳо асосан дарк намекунанд. Ҳатто ин вазъ, макотиби олиро низ фаро гирифтааст. Ҷойи тазаккур аст, ки омӯзиши фанни математика, то андозае мураккаб буда, толибилмон ба хотири гирифтани шаҳодатномаи таҳсилоти миёна ба он таваҷҷуҳ менамоянд. Онҳо то ҳол дарк накардаанд, ки бунёди назарияи тамоми соҳаҳо ва шеваҳои тадқиқии он аз фанни математика оғоз мегардад.

Донишҳои математикӣ аҳамияти калони амалӣ дошта, омӯзиши он дар ташаккули ҷанбаҳои ахлоқии инсон низ арзишманд мебошад.

Таҷриба нишон дод, ки озмунҳои фаннӣ барои хонанда ва омӯзгор нуктаи ибтидоии гузаштан ба сатҳи дигар мебошад. Натиҷаи чунин озмунҳо бар он оварда мерасонад, ки шогирдон ба ташаккули қобилияти худ ва муаллим, ба ҷустуҷӯи услуби нави таълим иқдом намояд.

Тафаккури хонандагонеро, ки ба математика шавқу ҳавас ва қобилияти муайян доранд, инкишоф додан лозим аст ва баҳри ҷалби онҳо ба омӯзиши ин фан роҳҳои ҳавасмандкуниро фаъол гардонидан муфид ва муҳим мебошад.

Дар айни замон дараҷаи илмии супоришҳои олимпиадаҳо аз фанни математика хеле баланд буда, хонандаро дар ҳар гуна озмун чӣ интизор аст, пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст. Зимни тайёрӣ ба озмунҳои фаннӣ, ба мавзуъҳои дарсӣ маҳдуд нашуда, пеш аз ҳама, адабиёти илмӣ ва методиро дастрас намуда, барои мустақилона машғул шудани хонанда пешниҳод кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.



Ин усули омодагӣ имконият медиҳад, ки қобилияти хонандаро самаранок фаъол намуд. Барои тайёрӣ ба озмунҳои фаннӣ сарфи назар аз қобилияти бачаҳои ба математика шавқманд, ҳамзамон, ташкил ва гузарондани маҳфилҳо зарур аст, танҳо пас аз он ба дарсҳои инфиродӣ гузаштан лозим аст.

Умуман, аз китоби дарсии математика (аз синфи 1-ум сар карда, то китоби геометрия барои синфи 11) ҳамагӣ як намуд китоб мавҷуд аст. Дар китобҳои дарсии математика дар баъзе масъалаҳо ба хатоӣ роҳ дода шудааст ва ин ғалатҳо сол ба сол бетағйир гузашта истодаанд. Агар ду ва ё се намуди китоби дарсӣ аз фанни математика бо мувофиқа бо барномаи стандарти Вазорати маориф ва илм ба мактабҳои миёна пешниҳод мешуд, шояд ба беҳшавии сифати таълим мусоидат менамуд? Китобҳои таълимӣ агар дар шароити рақобатпазирии муаллифони соҳибтаҷриба таҳия гарданд, дар он сурат китобҳои дарсии ба талаботи замон мувофиқро чашмдор шудан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки таъмини аёниятҳои таълимӣ ва фаннӣ, татбиқи методии раванди таълим дар замони ҳозира аз талаботи муосири таҳсилот хеле ақиб мондааст: мактаби муосир дорои захираҳои зиёди электронӣ бошад ҳам, китобҳои дарсии бо усулҳои шахшуда таҳияшуда дорем ва дар аксари маврид шеваҳои низоми муосири таҳсилотро фаромӯш карда, аз рӯи низоми анъанавӣ таълим медиҳем.

Вазифаи муаллим дар чунин маврид аз он иборат аст, ки шогирдро роҳнамоӣ кунад ва ба ӯ дастрасии маълумоти заруриро таъмин намояд. Муаллим аллакай ҳамчун мураббӣ баъзан амал мекунад. Табиист, ки вазъияти фанни математика дар ин бобат нисбат ба фанҳои гуманитарӣ душвортар аст. Бале, дар айни замон байни китобҳои дарсӣ, таъминоти методҳои пешқадам, захираҳои электронӣ номувофиқатӣ вуҷуд дорад, вале фикр мекунем, ки омӯзгор бо истифода аз маҳорати касбӣ ин норасоиҳоро бартараф карда метавонад.

Фақат мо, омӯзгорон, бояд ҳама чизро ба як низом оварем. Бояд ба хонанда кумаки методӣ расонем, то ки дар ин ҷараёни пурқудрати иттилоотӣ, ки рӯз аз рӯз зиёд мешавад, гум нашавад.

Албатта, хуб мебуд, агар мактаб ба як маркази иттилоотӣ табдил ёбад, ки бо технологияҳои навтарин муҷаҳҳаз шудааст: мизҳои интерактивӣ, планшетҳои шахсӣ, таҷҳизоте, ки ба василаи он таҷрибаҳои гуногун ва кашфиёти математикӣ дар вақти воқеӣ гузаронидан имкон медиҳанд, тарҳрезии роботҳои интерактивӣ ва моделҳои амалиётии объектҳои гуногуни воқеият мебошанд.

Яъне, ба пуррагӣ татбиқ намудани равиши фаъолиятнок дар омӯзиш, шарҳ додани тадқиқоти душвори соҳаи математикии на «бо ангуштон», на ба расмҳои тайёр нигоҳ кардан ва таҳлил кардани онҳо, балки воқеан, дар муҳити интерактивӣ амал кардан лозим аст.

***Раъно САЪДУЛЛОЕВА,***
***омӯзгори математикаи мактаби байналмилалии Президентӣ, номзади илмҳои математика – физика, дотсент***

# Истифодаи васоити техникӣ дар дарсҳои физика

Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки физика 80%-и табиатро меомӯзонад, яъне он рӯйдодҳо, ҳаракатҳо ва қонунҳое, ки дар табиат ба вуҷуд меоянд, маҳз тавассути физика омӯзонида мешавад. Физика яке аз фанҳои дақиқу шавқовар ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки дар замони муосир рушди илму фан, техника ва технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст. Аз ин рӯ, мо бояд дар дарсҳои физика аз техникаю технологияи муосир истифода намуда, фаҳмишу дониши хонандагонро нисбати ин фанни шавқовар зиёд кунем. Пеш аз ҳама, худи омӯзгор бояд технологияҳои навро омӯхта, аз ин васоити замонавӣ дар дарсҳои худ самаранок истифода бурда тавонанд. Бояд ҳар як омӯзгор дар таълими назариявӣ ва ҳам амалӣ аз компютер ва тахтаи электронӣ истифода бурда тавонад. Омӯзгор метавонад дар ҳамаи мавзуъҳои дарсӣ маълумоти навро аз интернет дастрас намуда, дониши хонандагонро афзун намояд.



Ғайр аз ин, дар раванди дарс масъалаву таҷрибаҳои амалиро аз физика тавре интихоб намоем, ки дар амалия истифода бурда шавад.

Дар доираи эълон гардидани солҳои 2020-20240 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», дар муассисаи таълимии мо «Ҳафтаи фанни физика» ташкил ва гузаронида мешавад, ки ин чорабинии фаннӣ боис бар он гардидааст, ки хонандагони фаъоли таълимгоҳ дар олимпиадаҳои сатҳи ноҳиявӣ ва минтақавӣ сазовори ҷойҳои намоён гарданд.

Аз ҷумла, дар моҳҳои феврал ва марти соли сипаригашта дар Қасри фарҳанги ноҳия даври ноҳиявии озмуни “Физикони ҷавон” байни хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия баргузор гардид.

Аз рӯи натиҷаи озмун ва тибқи баҳогузории ҳайати доварон, хонандаи синфи 11-и МТМУ №1 Фирӯза Ҳакимова ғолиб дониста шуда, сазовори ҷойи якум гардид.

Дар фарҷом ғолибони озмун бо дипломҳои дараҷаи 1, 2 ва 3-юми шуъбаи маорифи ноҳия ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

***Мавзуна ҲАКИМОВА,***
***омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, ноҳияи Шаҳристон***

**Дар шаҳри Душанбе бо иштироки бонувони собиқадори соҳаи маориф бахшида ба Рӯзи модар ҳамоиши идона доир шуд.**

ОЛИМОНИ МО

# То илму ҳунар оинапардоз нашуд...

***Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) солҳои 2020-2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намуданд.***

Барои амалӣ намудани талаботи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" омӯзгорони фанҳои табиатшиносию риёзӣ саҳми асосӣ мегузоранд, ки дар сатҳи зарурӣ тайёр кардани онҳо ба зиммаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ гузошта шудааст.

Солҳои 1962-1967 бо амри тақдир дар шуъбаи физика ва асосҳои истеҳсолот дар факултети физикаю математикаи ин донишгоҳи бонуфуз таҳсил менамудем. Баъдтар факултети физика ва математика ба факултетҳои физика ва математика табдил ёфт.

Ҳамон солҳо таълими фанҳои физикаю математика дар сатҳи хеле баланд ба роҳ монда шуда буданд. Машғулиятҳоро устодони болаёқату донишманд мегузарониданд. Устодоне, ки дар факултетҳои физикаю математика аз фанҳои физикаю математика дарс мегуфтанд, дараҷаи илмию унвони илмӣ надоштанд, вале сатҳи донишашон хеле баланд буд.

Устодон И. Ландман, Е. Двойкин, С. Бендерский, А. Богданов машғулиятҳоро ба забони русӣ мегузаронданд. Гарчанде ки донишҷӯёни гурӯҳи мо забони русиро дар сатҳи зарурӣ намедонистанд, бо вуҷуди ин, лексияҳои ин устодон ба таври содаю фаҳмо гузаронида мешуданд.

Аз фанни "Электродинамика" машғулиятҳоро устоди донишманд, муаллими калон И. Ландман мегузаштанд. Эшон мавзуъҳоро ниҳоят содаю фаҳмо баён менамуданд, ки ба мо, донишҷӯён, хеле писанд меомад. Аз имтиҳони фанни "Электродинамика" ман ва ҳамкурсам Т. Абдуллоев баҳои "аъло" гирифтем.

Машғулиятҳоро аз қисми "Механика", муаллими калон Н. Кӯинов мегузаштанд. Методҳои дарсии устод ниҳоят хуб буд, эшон хеле серталаб буданд. Дар машғулиятҳои семинарию амалӣ ва иловагӣ доир ба мавзуъҳои гузашта ҳамаи таърифҳои бузургиҳои физикӣ, воҳидҳою графикҳоро пурсон мешуданд ва кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мо донишҷӯён, ҳамаи бузургиҳои физикӣ ва воҳидҳои онро аз ёд донему ба маънои физикиашон сарфаҳм равем.

Барои донишҷӯёни имрӯзаи факултети физика методҳои дарсгузарии устод Н. Кӯинов ниҳоят зарур мебошад. Мо дар таҷрибаи кории худ аз методҳои дарсдиҳии устод самарабахш истифода бурда истодаем.

Яке аз хусусиятҳои фаъолияти педагогии устодони зикргардида аз он иборат буд, ки ҳамеша мавзуъҳоро ба амалия пайваст менамуданд, дар бораи татбиқи амалии мавзуъҳо маълумоти мукаммал медоданд.

Дар байни устодони номбурда яке аз устодони варзидаю донишманду хоксор Вайдулло Бобоев буданд, ки ҳамаи мавзуъҳоро бо татбиқи амалиашон алоқаманд менамуданд.

Вайдулло Бобоев аз фанни радиотехника дарс мегуфтанд.

Устодон В. Бобоев, Т. Ҷумъаев ва Ҷ. Пӯлодов донишкадаро дар як гурӯҳи таълимӣ хонда, хатм карда буданд. Ин устодон ниҳоят хоксору донишманд ва бо шогирдон хушмуомила буданд.

Устод Вайдулло Бобоев ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз Радиотехника худро ҳамчун устоди донандаи радио, сохти он нишон медоданд.



Дар ҳақиқат, устод Вайдулло Бобоев дар таълими радиотехника устод буданд. Солҳои донишҷӯйии мо дар факултет аз радиотехника, инчунин, устоди русзабони калонсолтар Ю. Шербаков дар қатори устод Вайдулло Бобоев дарс медод. Хато намешавад, агар гӯем, ки фанни радиотехникаро ба Вайдулло Бобоев устод Ю. Шербаков таълим додааст. Устод Ю. Шербаков нисбат ба шогирдон ниҳоят серталаб буданд.

Вайдулло Бобоев ниҳоят хоксор буда, методикаи таълими радиотехникаро дар сатҳи баланд медонистанд. Дар ибтидои фаъолияти худ дар кафедраҳои физикаи умумӣ ва физикаи назариявӣ кор мекарданд.

Методисти варзидаи радиотехника будани устод Вайдулло Бобоевро ба эътибор гирифта, он касро барои кор ба кафедраи "Методикаи таълими физика", ки сарвариашро устоди варзида, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, шодравон Ғулом Ҷабборов ба уҳда доштанд, гузарониданд. Аз соли 1987 то соли 1993 устод Бобоев вазифаи мудири кафедраи "Методикаи таълими физика"- ро ба уҳда доштанд.

Устод Бобоев дар факултет маҳфили "Радиотехника"-ро роҳбарӣ менамуданд. Ба кори ин маҳфил донишҷӯёни зиёде ҷалб гардида буданд. Аз гурӯҳи таълимии мо низ донишҷӯён дар ин маҳфили фаннӣ иштирок менамуданд. Донишҷӯи гурӯҳи мо Муҳаммадӣ Уроқов ҳамеша дар назди устод Вайдулло Бобоев ба корҳои амалии радиотехника машғул мегардид ва яке аз донандагони фанни радиотехника ба шумор мерафт. Дар маҳфили "Радиотехника" устод аксаран доир ба нақшаҳои такмилдодаи худ доир ба қисмҳои алоҳидаи радио маълумот медоданд ва шавқу ҳаваси иштирокчиёни маҳфилро баланд мебардоштанд. Дар баробари ҳамаи ин, он кас дар маҷаллаҳои "Мактаби советӣ" (ҳоло "Маърифати омӯзгор"), "Физика в школе", "Радио", "Машъал", "Фирӯза" ва "Занони Тоҷикистон" (ҳоло Фирӯза) мақолаҳои методиву илмӣ-оммавӣ чоп мекарданд.

Устод тавассути маҷаллаи ҳармоҳаи "Физика в школе" нақшаҳои такмилдодаи худро доир ба қисмҳои алоҳидаи радио ба ҳамаи омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас мегардонанд.

Тавассути мақолаҳои методии худ доир ба таълими радиотехника устод Бобоев бо яке аз профессорони машҳури шаҳри Москва (Донишкадаи давлатии педагогии ба номи В.И. Ленин) Н. Малов робитаи ҳамкорӣ барқарор намуда буданд. Профессор Н. Малов роҳбари илмии В. Бобоев интихоб гардид. Бо ташаббуси устод профессор Н. Малов якчанд маротиба ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сафари корӣ анҷом дода буданд ва барои донишҷӯёну устодони факултети физика доир ба мавзуъҳои проблемавии курси физикаи умумӣ лексия мехонданд ва барои такмили ҷараёни таълими фанни физика ёрии методии худро мерасониданд.

Устод Бобоев корҳои методии худро доир ба такмили методикаи таълими фанни радиотехника ҷамъбаст намуда, таҳти роҳбарии профессор Н. Малов дар Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Москва ба номи В.И. Ленин баъди хатми аспирантура соли 1978 рисолаи номзадиро дар мавзуи "Корҳои беруназсинфӣ аз радиотехника ҳамчун воситаи ташаккули эҷодиёти хонандагон" дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ шарафёб гардиданд.

Устод В. Бобоев дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона методисти варзида дар соҳаи методикаи таълими радиотехника буданд ва ҳамеша кӯшиш ба харҷ медоданд, ки илмро ба амалия пайваст намоянд.

Хизматҳои ӯ соли 1989 бо нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" қадрдонӣ карда шудааст.

***Ҳамид МАҶИДОВ,***
***Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи муҳандисии байналхалқӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессор,***
***Умар УМАРОВ,***
***директори Институти илмӣ-таҳқиқотии «Илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо» дар назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

ХАБАРҲО АЗ ВМКБ

Мардуми деҳот асосан ба деҳқонӣ машғуланд, ки аз самараи он сатҳи зиндагиашон рӯз ба рӯз беҳтар мегардад.

Имсол ба синни 87 қадам мондам. Қаҳрамонмодар ҳастам. Дар ёдам ҳаст, ки аз 16-солагиам бо аҳли оилаамон дар собиқ колхози «Комсомол» (ҳоло

## Аз қаҳрамони худ шукргузорем

Ҷамоати деҳоти Иттифоқ)-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ кор мекардам. Трактор кам буд. Деҳқонон бо қувваи даст заминҳоро аз ҷангал ва қамишзор тоза мекарданд.

Он вақт асосан 2 навъи тухми пахта: сафед, бисёртар маҳиннах (нулофка мегуфтанд) мекоридем. Барои чидани 1 кило пахтаи сафед 5 тин, маҳиннах бошад, 10 тин мегирифтем. Ҳар рӯз 90-100 килоӣ пахта мечидам. Дар радио ва рӯзномаҳо моро таъриф мекарданд. Кор дар саҳро хеле вазнин буд.

То солҳои наздик саломатиам, ки нағз буд, дар озмуну чорабиниҳо, иду ҷашнҳои Наврӯзу Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти ҷумҳурӣ иштирок мекардам.

Фарзанди асилу меҳнатқарину дарёдил, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминро ба дасти соҳибаш-деҳқон дод. Акнун дили деҳқон пур асту бо ғайрати дучанд каланд мезанад. Чунки замин замини ӯст. Меҳраш ба замин зиёдтар мешавад. Аз як замин 2-3 ҳосил мегирад.

Аҳли хонаводаамон аз 0,80 гектар замин 3850 кг пахта чида, ҳар як килояшро 10 сомонӣ фурӯхтанд. Бо ин маблағ тӯйи хонадоршавии набераамро гузаронидам.

***Ҳикоят СУЛТОНОВА,***
***деҳаи Правда, Ҷамоати деҳоти Иттифоқи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ***

## Масъулияти хонандагон меафзояд

Дар шуъбаи маорифи ноҳияи Дарвози ВМКБ ба ифтихори барандагони стипендияи Президентӣ ҳамоиш баргузор гардид.

Муовини раиси ноҳия Заррина Мирзозода иттилоъ дод, ки гирандагони стипендияи Президентӣ дар соли 2022 ба 10 нафар расиданд. Таълиму тадрис дар муассисаҳои таълимии ноҳия мувофиқ ба талаботи замон роҳандозӣ шуда, махсусан, бо созмон ёфтани озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм - фурӯғи маърифат» азму талоши хонандагон ба таҳсил бештар гардидааст.

З. Мирзозода барандагони стипендияи Президентиро дар ноҳия табрик гуфта, арз дошт, ки ин унвон дар ҳамин синну сол як зинаи муҳим барои шарафёбӣ ба ояндаи масъулиятнок мебошад.

## Ташаббуси нек

Бо дастгирии вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамроҳ 136 компютери мактаби Президентии шаҳри Хоруғ барои хонандагони болаёқат ба шабакаи интернети кабелӣ пайваст шуд. Китобхонаи электронии таълимгоҳ аз адабиёту дастурҳои зарури таълимӣ ва бадеӣ бой буда, дастрасӣ ба он хеле қулай гардидааст.

Хатмкунандагони таълимгоҳ аз он изҳори хурсандӣ карданд, ки мо имконият пайдо кардем, тариқи онлайн имтиҳонҳои дохилшавиро супорида, дар мактабҳои олии хориҷ аз кишвар таҳсил намоем.

Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори мактаби Президентии шаҳри Хоруғ барои хонандагони болаёқат Шодигул Қонунзода барои ҳамкорӣ ва дастгирии ҳаматарафа ба вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамроҳ изҳори сипос намуд.

## Ҳифзи Ватан - қарзи ҳар шаҳрванд

Кормандони Комиссариати ҳарбии ВМКБ ба ифтихори Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии ВМКБ вохӯриҳо доир намуданд.

Чунин вохӯрӣ дар мактаби рақами 2-и шаҳри Хоруғ ба номи Давлаталӣ Шабдолов баргузор гардид. Афсари комиссариат Шариф Набиев ва раиси Шурои собиқадорони шаҳри Хоруғ Хушқадам Асматуллоев роҷеъ ба таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилиҳои аз сирф барқарор кардани ин соҳаи барои халқу Ватан муҳим аз ҷониби Сарфармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали армия, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба як қувваи пуриқтидору низоми пӯлодин табдил додани он ҳарф заданд.

Қайд шуд, ки имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи кишвар ва марзу буми он қодир аст.

***Ҷ. ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

**Маркази тадқиқоти Аврупо ва Осиёи Россия бо ниҳодҳои бонуфузи зеҳнии Тоҷикистон ҳамкории илмию пажӯҳиширо ба роҳ мемонад.**

*Рӯзнома бо он ки ниҳоят зуд чоп мешавад, бо иштибоҳҳояш низ ҷолиб аст, донишнома бо он ки ниҳоят дер чоп мешавад, бо кашфиётҳояш низ ҷолиб нест.* Гилберт Честертон



РИСОЛАТ

# Нақши ВАО ва рӯзноманигор бузург аст

***Мусоҳиба бо декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент Бахтиёр Қутбиддинов***



**– Устоди мухтарам, соли равон ба таъсиси матбуоти тоҷик 110 сол пур мешавад ва дар ин миён матбуоти кишвар роҳҳои пуршебу фарозеро тай намудааст. Мехостем назари шуморо оид ба давраҳои рушди матбуоти тоҷик бифаҳмем. Нақши Истиқлоли давлатиро дар рушди матбуоти тоҷик чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Бешубҳа, 110 сол, фикр мекунам, ки барои ташаккули як матбуот кифоят мекунад. Ин ҳам дар ҳолест, ки матбуоти мо дар чандин давраву марҳилаҳои таърихӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Ба таври мисол дар се давраи ниҳоят мушкил – миллатгароиҳои солҳои бистуму сиюм, ҶБВ ва солҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум матбуоти тоҷик рисолати бузурги худро анҷом додааст. Ин матбуот дар як давра ҳастии миллати тоҷикро собит карда буд, дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ умеду боварӣ ба оянда бахшид ва дар замони ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум барои ваҳдату сулҳу муттаҳидӣ мусоидат кард. Дар масъалаи даврабандиву марҳилаҳои рушди матбуоти тоҷик назарҳои зиёде вуҷуд доранд. Аммо аз мавқеи фардӣ се давраи бузурги рушди матбуоти тоҷик – замони қабл аз инқилоб ва баъди он то солҳои сиюм, замони Ҳокимияти Шӯравӣ ва даврони Истиқлолро номбар кардан мумкин аст. Албатта, ин давраҳо аз марҳилаҳои зиёде иборат мебошанд, ки ҳар кадом дар ташаккули матбуоти мо нақши амиқ доранд.

Дар замони Истиқлол ба маънии томаш матбуоти миллли мо рушд кард, ки то он замон ба истиснои нашрияи "Бухорои шариф" дар масири таърих нашрияи дигаре надоштем. Ҳеҷ вақт матбуоти замони Шӯравиро инкор карда наметавонем, ки дар он касбияту маҳорати рӯзноманигорони мо такомулу таҳаввул ёфтааст. Танҳо бо иллати идеологияи ҳизбии аз Маскав идорашаванда дар ботини онҳо андешаи комили миллӣ вуҷуд надошт. Истиқлол ба матбуоти мо нафаси тоза бахшид, номгӯи васоити ахбори умумро ба маротиб зиёд кард ва мо тавонистем, ки бо тамоми маънӣ аз ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар матбуоти замони Истиқлол садо баланд намоем. Типҳои гуногуни матбуот танҳо дар ин даврон бо уфуқҳои васеъ ба майдон омаданд.

**– ВАО-и ҷумҳурӣ тайи солҳои охир дар инъикоси ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, дастоварду муваффақиятҳо дар соҳаҳои гуногун то чӣ андоза комёб гардидааст? Ба андешаи шумо, фаъолияти ВАО дар ин самт оё қонеъкунанда аст?**

– Фикр мекунам, ки васоити ахбори ватанӣ дар ин самт ҳеҷ гоҳ бетафовут набуд ва нест. Ҳар як расона то қадри имкон дар ин роҳ талош дорад. Тоҷикистон аз як монеа ба бӯҳрони ниҳоят сахт (ҷанги шаҳрвандӣ) раҳо ёфтааст, ки аз ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ ҳеҷ кадом дар қадамҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ин душворӣ мувоҷеҳ нагардидааст. Манзур он аст, ки дар солҳои мураккаби бӯҳрони иқтисодиву сиёсӣ, ВАО-и кишвар низ бо мушкилиҳо фаъолияти худро пеш бурдааст. Масалан, даҳ соли аввали истиқлолияти мо заминаҳои таҳкими сулҳ ва ваҳдат иборат буд. Шукр, ки ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумати кишвар муваффақона амалӣ мегарданд ба суботи сиёсиву иқтисодӣ таъмин гардида истодааст. Фаъолияти самараноки ҳар як воситаи ахбор ва ҳатто журналист, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои молиявию иқтисодӣ марбут мебошад. Масалан, шароити кору фаъолияти рӯзноманигори имрӯза аз рӯзноманигори огози солҳои навадум ба куллӣ фарқ дорад. Дар инъикоси набзи ҳаёт то кадом андоза муваффақ гардидани рӯзноманигори имрӯза ба дараҷаи садоқату муҳаббати ӯ ба халқу ватан иртибот дорад. Танҳо як чизро қатъи назар набояд кард, ки аудиторияи имрӯзаи мо дар ихтиёри худ даҳҳову садҳо воситаи хабарӣ дорад. Яъне интихоб васеъ мебошад ва иҷборан наметавон касеро ба мутоливу дидану шунидани чизе водор намуд. Дар ин ҷода дарёфти дараҷаи табъу завқи аудитория муҳим мебошад, ки он ба сатҳи маҳорату таҷрибаи журналист вобаста аст.

**– Аз нигоҳи шумо, кадом мавзую масъалаҳои ҳаёти ҷомеа аз назари васоити ахбори омма то ҳое дур мондааст?**

– Омма ҳамеша ба он чизе таваҷҷуҳ мекунад, ки агар манфиати иҷтимоиву ҳаётӣ дар он бештар бошад. Марҳилаи кунунии инкишофу таҳаввулоти ҳаёти мо татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Фикр мекунам, ки инъикоси ин мавзуъ бояд домандор бошад. Дар баробари ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаҳои худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ муқаддам аст, ки таркиби ин масъалаҳо садҳо самти мавзуиро дарбар мегирад. Паёми ҳамасолаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳатман ин самтҳоро фаро мегиранд, ки албатта, ҷавҳари онро сулҳ ва ваҳдату субот ташкил медиҳад. Ҳар як расона вазифадор мебошад, ки дар ин ҷода нақши устувори худро гузорад.

**– Дар ин замина, нақши рӯзноманигорони ҳирфаӣ ва мутахассисонеро, ки факултетҳо ва шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олӣ омода мекунанд, чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Фаъолияти факултет ва шуъбаҳои мактабҳои олӣ дар тайёр намудани рӯзноманигорони ҷавон то кадом андоза посухгӯи рӯз аст?**

– Омода намудани рӯзноманигорон, ки идеологияи давлативу миллиро амалӣ мегардонанд, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор дорад. Омода кардани як рӯзноманигори касбӣ солҳои тулониро талаб менамояд. Дар факултетҳову шуъбаҳои журналистӣ қаламкаши ҷавон аввалин донишҳои назариявиро дар бораи касби худ ҳосил менамояд. Мутолиаву ҷустуҷӯҳо то ба фаъолият шуруъ кардани ӯ аввалин фаҳмишҳои то андозае маҳдуду кӯчаки ӯ мебошанд. Манзур он аст, ки дар роҳи омода кардани як журналист майдони амалия низ нақш мебозад. Ҳеҷ гоҳ як журналисти ҷавон баробари як журналисту қаламкаши собиқадор сухан гуфта наметавонад. Дар солҳои аввали фаъолият дар даргоҳи матбуоту телевизион журналисти ҷавон худро дар дунёи дигар мебинад, мутобиқ мешавад ва мувофиқ ба нишондоди муассиса фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Пурра қонеъкунанда набошад ҳам, вале имрӯз дар омода кардани журналистон устодони ботаҷрибаву унвондор саҳм мегузоранд ва кӯшиш менамоянд, ки ҷавононро аз унсурҳо ва паҳлуҳои ҳассоси раванди ҷаҳонишавӣ огоҳ намоянд.

**– Барои дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯ ба замони муосир омода намудани кадрҳои воситаҳои ахбори омма дар макотиби олӣ чӣ амалҳоро метавон анҷом дод?**

– Чандин ҷузъиёте барои беҳбудии ин масъала вуҷуд доранд, ки барои он имкону вақт лозим аст. Якум, бисёр мехостем ба факултетҳои журналистӣ он ҷавононе пазируфта шаванд, ки меҳру муҳаббати зиёд ба касби худ дошта бошанд. Дуюм, бояд дар вақти қабул то ҳадди имкон дараҷаи истеъдоду малакаи онҳо ба инобат гирифта шавад. Сеюм, устодони журналистон онҳое бояд бошанд, ки худ ҳирфаӣ ва дорои малакаи комили журналистӣ бошанд. Чорум, дар ихтиёри факултетҳои шуъбаҳои журналистикӣ қарор доштани студияҳои таълимӣ ва рӯзномаҳои донишҷӯӣ ниҳоят муҳим мебошад.




**– Имрӯз сару садоҳо перомуни мавзуи озодии матбуот зиёд гардидааст. Оё муҳити фазои журналистикаи тоҷик дар замони муосир ба пешрафту такомули ҳаёти ҷомеа мусоидат мекунад? (Мехостем ин масъаларо муфассалтар шарҳу тавзеҳ бидиҳед).**

– Қонунҳои мавҷуда дар кишварамон озодии баёнро кафолат додаанд ва танҳо дар сурати мавҷудияти сензураи мушаххас метавон хилофи набудани озодии баён ҳарф зад. Танқиди созандаву бегаразро касеву чизе манъ накардааст. Масъалаи мусоидати журналистикаи тоҷик нисбат ба пешрафту такомули ҳаёти ҷомеа ҳеҷ гоҳ инкор намешавад. Журналистика дар ҳама давраҳо созандаву сӯзанда мебошад. Хеле хуб аст, ки журналистикаи мо бо рисолати созандагии худ дар муттаҳидиву ягонагии миллат нақши устувор гузоштааст. Ин журналистика буд, ки халқи тоҷик қадри сулҳу ваҳдатро донист ва маҳз журналистика буд, ки халқи тоҷик дӯсту душманро шинохта гирифт.

**– Журналистика, пешрафти илму технология ва ҷанбаи инноватсионӣ дар замони муосир. Имрӯз ВАО-и кишвар то кадом андоза ба ин стереотипҳо мусаллаҳ мебошад?**

- Албатта, ба таври қатъӣ наметавон гуфт, ки журналистикаи мо ҳамқадами журналистикаи кишварҳои абарқудрат мебошад. Аммо дар бахшу самтҳои алоҳида дастовардҳо кам нестанд. Барои ин кор низ фосилаи муайяни вақт лозим мебошад. То андозаи имкон дар муборизаҳои иттилоотӣ устувор будани ВАО-и ватанӣ инкор намегардад. Махсусан, журналистону қаламкашони зиёди мо нисбат ба тамоюли мухталиф бетафовут намебошанд.

**– Ҳангоми иштирок дар нишастҳои матбуотӣ мо шоҳиди он мегардем, ки баъзе аз рӯзноманигорон дар вақти савол додан аз ҷузъиёту нозукиҳои манзури мо ин аст, ки дар умум, аз донишҳои замонавӣ ва соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ иттилои амиқ надоранд. Оё ин масъала боиси нигаронӣ буда наметавонад?**

– Саҳву иштибоҳоти ҷузъӣ гумон мекунам, ки бахшиданист. Аммо дар ҳар сурат омодагии журналист дар рафти чунин нишастҳо муҳим мебошад. Мавзӯъро надониставу наомӯхта, муроҷиат кардану сару кор доштан ба он, албатта, хиҷолатомез мебошад. Дар сурате, ки дар чунин ҷамъомадҳо дигар журналистон ҳамчун мутахассис ҳакам мебошанд.

**– Тамannoи шумо ба аҳли қалами кишвар дар Рӯзи матбуоти тоҷик.**

– Рӯзи матбуот иди кормандони тамоми намудҳои васоити ахбор ба шумор меравад. Зеро матбуот ҳамчун шакли классикии васоити ахбор ҳеҷ гоҳ мавқеи худро аз даст намедиҳад ва журналисте, ки дар матбуот кор карда метавонад, ин ҳунари кордонияш дар дигар шаклҳои васоити ахбор ба кор меравад. Аз ин ҷиҳат, ба кулли ҳамкасбону алоқамандон Рӯзи матбуотро табрику таҳният мегӯем.

*Мусоҳиб*
***Насриддин ОХУНЗОДА, «Омӯзгор»***

**Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ҳамкориро дар бахши осорхонаҳо тақвият мебахшанд.**

11 МАРТ – РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

# «Омӯзгор» ҳамдаму ҳамнафаси мост

***Дар арафаи таҷлили Рӯзи матбуот бо чанде аз устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишвар телефонӣ суҳбат анҷом дода, фикру пешниҳодҳои онҳоро дар хусуси муҳтавои навиштаҳое, ки марбут ба соҳаи маориф ва раванди таълиму тарбия мебошанд, рӯйи сафҳа овардем.***

**Фахриддин Назиров – омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики гимназияи Балъамии шаҳри Ваҳдат:**

- Ҳар як шумораи нашрияи «Омӯзгор»-ро бо шавқ мутолиа мекунам. Боиси зикр аст, ки дар саҳифаҳои ҳафтанома мақолаю маводи пурмуҳтавои методию таълимӣ фаровон ба нашр мерасанд, ки ҷиҳати омӯзишу истифодаи ин сабку шеваҳо ба омӯзгорон ҳангоми баргузории машғулиятҳо кумак мерасонад. Тайи чанд соли охир аз ҷониби кормандони нашрия таълифи матолиби таҳлилию тадқиқӣ дар хусуси паҳлӯҳои гуногуни масоили таълиму тарбия зиёд гардидааст, ки ба беҳтар шудани сатҳу сифати дониш ва дарсазхудкунии хонандагон мусоидат мекунад. Пешниҳод доштам, ки дар бораи шоирону мутафаккирони гузаштаи форсу тоҷик мақолаҳои илмӣ – оммавӣ бештар чоп карда шавад. (Аз ҷумла, дар бораи Носири Хисрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Фаридаддини Аттор, Ҳаким Саноӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Бедил ва ғайра)

нохияи Рашт:

- Ман боре бо шумо пешниҳод карда будам, ки агар дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ вохӯрии кормандони нашрия бо омӯзгорону устодон баргузор гардад, нуран ало нур мешавад. Зеро масоилу мушкилоти таълиму тарбия, усулу шеваҳои нави тадрисӣ (аз ҷумла, муносибати босалоҳият ба таълим) ва таҷрибаи омӯзандаи омӯзгорони ҷумҳурӣ бояд ба таври фарогир таҳлилу баррасӣ ва тарғиб шавад. Дар бораи фаъолияти литсейю коллеҷ, мактаб – интернатҳо ва муассисаҳои томактабӣ бештар мавод бояд таълиф кард.

**Сайфиддин Камолзода, корманди АТТ;**

- Мақолаву маводи кормандони нашрия ва рӯзноманигорон дар мавзуъҳои гуногуни соҳаи маориф бо таҳлилу андешаронӣ ва пешниҳодоти ҷолиб шоистаи таҳсин аст. Сифати мақолаҳо ва ороиши нашрия хеле беҳтар гардидааст. Муаллифони матолиби методӣ, ки аксаран омӯзгорону устодон ба шумор меравand, сабку усулҳои нави таълимиро пешниҳод мекунанд. Хуб мешуд, дар нашрия масъалаҳои назариявию илмӣ, мисли пажӯҳишҳои олимону педагогҳо доир ба равандҳои судманду муассири таълим низ ба табъ мерасид. Ҳамчунин, оростани мусоҳибаҳои ихтисосӣ бо муҳаққиқон, мактабшиносон ва донишмандон ба суди кор хоҳад буд.

**Шариф Арабзода, омӯзгори МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб:**

- Пештар нашрия мизҳои мудаввар баргузор мекард, ки ибратбахшу омӯзанда буд. Ин




**Муҳиддин Ятимов, омӯзгор аз ноҳияи Файзобод:**

- Ба ман, ки ба ҷуз пешаи омӯзгорӣ ба шеъргӯйӣ низ шавқи зиёд дорам, саҳифаи адабии нашрия писанд мебошад. Дар баробари ин, мехостам, матолиби ҷолиб атрофи эҷодиёти шоирону нависандагон, ҳусну қубҳи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, фаъолияти ибратбахши таълимгоҳҳои алоҳида, кори намунавии иттиҳодияҳои фаннии методӣ, шӯрои омӯзгорон, кабинетҳои методии раёсату шуъбаҳои маориф ва ғайра дар нашрия чоп гардад.

**Абдуҷаббор Абдураҳимов, мактабшинос, шаҳри Бохтар:**

- Омӯзгорӣ пешаи пуршарафу заҳматталаб мебошад ва омӯзиши пайвастаро тақозо мекунад. Дар ин ҷода қобилияти фитрӣ, омӯзишу эҷодкорӣ ва ҷаҳонбинии фарохи омӯзгор нақши калон мебозад. Муаллим ҳангоми натиҷагирии сатҳи донишу саводи шогирдон набояд ба ифрот роҳ дода, баҳоро аз меъёр баланд гузорад. Маҳз ба назар нагирифтани дониши воқеии хонандагон ба он оварда мерасонад, ки ҳангоми санҷишҳо ба омори сатҳӣ, аз қабили зиёд нишон додани фоизи донишазхудкунии хонандагон ва сифати таҳсилот аз ҷониби гурӯҳи назорати сифати таълим дар таълимгоҳҳо дучор мегардем. Мехостем дар саҳифаҳои ҳафтанома дар хусуси масъалаи мазкур мавод чоп карда шавад, зеро аксар раёсату шуъбаҳои маориф ба худфиребӣ роҳ дода, факти воқеиро таҳриф мекунанд.

**Муллоҷон Аҳмадов – собиқадори маориф,**

корро идома додан лозим.

Аз таҷрибаи омӯзгорон, хусусан, муаллимони фанҳои риёзӣ, физика, химия, биология зиёдтар мавод ба табъ расондан айни муддаост. Саҳифаи адабии ҳафтанома аҷибу шавқовар ва хонданист. (Агар ду саҳифаро ба адабиёт мебахшидед, боз беҳтар мешуд).

**Махфират Солиева, корманди ДҶТИБКСМ:**

- Баланд бардоштани сатҳи дониш ва такмили ихтисоси омӯзгорон аз масоили мубрами соҳаи маориф ҳисоб меёбад. Дар бораи дастоварду комёбиҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, филиалҳои он дар вилоятҳо ва проблемаҳои ҷойдошта (аз ҷумла, пардохт нагардидани роҳкирои омӯзгорони ба курсҳо фиристодашуда…) навиштан лозим.

**Исматулло Абдуллоев – директори МТМУ №25-и шаҳри Исфара:**

- «Омӯзгор» нашрияи дӯстдоштатарини банда ба шумор меравад. Ҳар маводу мақолае, ки ба ҳафтанома ирсол менамоям, ба нашр мерасанд. Хурсандибахш аст, ки дар озмуни «Ҳомии Ватан будан шараф аст», ки дар нашрия ба роҳ монда шуд, дар қатори ғолибон будам. Баргузории озмунҳои мухталиф дар ҳафтанома ҳаводорону хонандагони онро афзун менамояд. Аҳли эҷод ва кормандони нашрияро ба Рӯзи матбуот самимона табрик мегӯям ва ба онҳо дар амалӣ гаштани мақсадҳояшон барору комёбиҳо хоҳонам.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

Нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеа беандоза бузург аст. Мо ба воситаи матбуоти даврӣ бояд фарҳанг ва тамаддунсоз будани миллати худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Вазифаи асосии ВАО сипари боэътимоди ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, муаррифгари дастовардҳои истиқлолияти давлатии халқи тоҷик будан аст.

Аввалин нашрияи тоҷикӣ дар шаҳрчаи Когони Бухоро бо ташаббуси ҷавонбухориён Мирзомуҳиддин Мансуров, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дастгирии консулгарии Россия дар Бухоро чоп мегардид. Шуруъ аз 11-уми марти соли 1912 рӯзномаи “Бухорои ша-

# Оинаи рӯз




риф” аввал ҳафтае 5 шумора, баъдтар ҳафтае 2-3 шумора то ибтидои соли 1913 чоп шудааст. Пас аз он дар шаҳри Самарқанд Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ маҷаллаи “Оина” ва рӯзномаи “Самарқанд”-ро таъсис дод, ки ҳарду бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр мешуд. Яке аз таъсисдиҳандагон журналистони асосии ин нашрияҳо Саидризо Ализода ба шумор мерафт.

Дар таърих таъсисёбии аввалин газета ба қарни 11 то мелод рост меояд. Аввалин рӯзномаҳо дар Рими қадим ба табъ расидаанд, ки рисолаташон паҳн намудани иттилоот (хабар) буд. Ин қабил нашрияҳо дар ибтидо хусусияти ғайрирасмӣ доштанд, баъдтар бо амри ҳокими давр Юлий Сезар воқеа ва навигариҳои сатҳи давлатӣ, аз ҷумла, маърӯзаҳои расмӣ, ҳисоботи давлатдорон низ дар онҳо ҷой дода мешуданд. Аввалин рӯзнома (ба маънии ҳақиқии имрӯза) бо номи “Навиди пойтахт” 1200 сол қабл дар Чин пайдо шудааст. Хабарҳои онро дар тахта бо иероглифҳо менигоштанд. Ҳоло машҳуртарин рӯзномаи ҷаҳон “Guardian»-и Британия аст, ки 200 сол боз нашр мешавад.

Вожаи “газета” аз номи тангаи итолиёвӣ “госети” пайдо шуда, маҳз дар Венетсия нахустин марказҳо оид ба ҷамъоварии ахбор, агентиҳои иттилоотӣ ва пешаи журналистӣ – рӯзноманигорӣ пайдо шудааст.

Пас аз ихтирои дастгоҳи чопӣ, дар таърихи матбуот инқилобе ба амал омад, ки маводи табъу нашр бартарият пайдо кунаду теъдоди газетаҳо зиёд гарданд. Дар Россия аввалин рӯзномаҳои дастӣ бо номи “Варақаҳои иттилоотӣ” ба табъ мерасиданд. Нахустин рӯзнома дар даврai Пётри 1 соли 1702 чоп шуд ва он “Ведомости” унвон дошт. Матбуоти тоҷик, баъди ишғоли Осиёи Миёна аз ҷониби Россия пайдо шуд. Дар зумраи аввалин нашрияҳо “Туркестанские ведомости”, “Русский Туркестан”, “Самарқанд” (аввалин мақолаҳои Маев, Бартолд, Андреев) ҳам буданд. Дар паҳлуи матбуоти русӣ дар ин қаламрав матбуоти миллӣ низ ба миён омад, ки вай бо забонҳои тоҷикӣ, тоторӣ, туркманӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ ва қазоқӣ чоп мешуд.

Матбуоти тоҷик дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳаматарафа инкишоф ёфт. Соли 1925 рӯзномаи ”Иди тоҷик” (ҳоло “Ҷумҳурият”) нашр шуд ва баъдтар дигар рӯзномаю маҷаллаҳо таъсис ёфт. Нависандаи маъруфи тоҷик С.Айнӣ рӯзномаи “Ҷумҳурият”-ро “Модари матбуоти тоҷик” номидааст.

***Сафар ЭРКАЕВ,***
***дотсенти кафедраи таърихи Ватан ва археологияи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров***

# Кашфиёти нодири башар

Матбуот солномаи таърихи миллат аст.

***Садриддин Айнӣ***

Рӯзнома ҳам оинаи ҳаёт ва ҳам майдони тохти қалам аст.

***Мирзо Турсунзода***

Матбуот силоҳи муҳими таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон бо чизи дигар қиёс кард.

***В. Афанасев,***
***муҳаққиқи рус***

Барои аҳли қалам муҳимтару қиматтар ин аст, ки «аз пасат пичирросе шунавӣ, ки фалонӣ ҳамин аст».

***Оноре де Балзак,***
***адиби Фаронса***

Мутолиаи пагоҳирӯзии газета як намуди саҷдаи пагоҳирӯзӣ асту бас.

***Фридрих Гегел,***
***файласуфи олмонӣ***

Вазифаи хосаи журналист додани маълумоте мебошад, ки дар ҷомеа ҳама онро интизорӣ мекашанд. Матбуот чашму гӯши ҷамъият аст.

***Юлия Шум,***
***Санкт-Петербург***

Матбуот ифодакунандаи афкору эҳсоси ҳамарӯзаи мардум аст.

***Карл Маркс***

Таърих ду кашфиёти бузург дорад: яке ҳунариноширӣ, ки моро ба китоб пайваст ва дигаре телевизион, ки моро аз он дур кард.

***Ҷорҷ Элозӣ,***
***сиёсатшинос***

Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба омодагӣ ва таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз – 2022 тасдиқ гардид.

*Танҳо се чиз аст, ки занҳо наметавонанд бифаҳманд: озодӣ, баробарӣ, бародарӣ.* *Гилберт Честертон*

«Омӯзгор» № 10, 10 марти соли 2022

МУЛОҲИЗА

# Умр агар хуш гузарад...

Жан де Лабрюйер гуфтааст: “Касе, ки вақти худро боманфиат истифода бурда наметавонад, маҳз ӯ аз норасоии вақт шикоят мекунад. Вай рӯзҳоро дар хӯрдану пӯшидан, хоб, беҳудагӯиву беҳудагардӣ ва ё умуман, бекорхӯҷагӣ сарф карда, вақти хешро мекушад”.

Қиматтарин неъмате, ки ба инсон дода шудааст, бе ҳеҷ шакку шубҳа, вақт мебошад. Вақт чун оби дарё ҳаракат мекунад, асло ба ақибаш нигоҳ накарда, якзайл ба пеш равон асту равон. Мутаассифона, на ҳар кас қиммати вақтро медонаду аз он самаранок истифода бурда метавонад. Як бор худатон қазоват намоед: дар давоми як шабонарӯз мо ҳамагӣ 24 соат вақт дар ихтиёр дорем, оё шахсан худи мо аз он самаранок истифода бурда метавонем? Ҳар як дақиқае, ки беҳуда сарф менамоем, ба худамон ва ба ҷомеа зарар расонидан аст.

Аз вақт самаранок истифода бурдан – маънои онро дорад, ки инсон тавонистааст, дар иҷрои корҳои ба нақша гирифтааш муваффақ гардад. Аҷаб зебову гуворо мешавад, агар мо вақти хешро бо як низом ва бо як тартиб



истифода барем. Барои аз вақт мақсаднок истифода бурдан як роҳи хубе мавҷуд аст, ки он ҳам тартиб додани реҷаи рӯз мебошад. Аммо аҷаб одатҳои номақбуле дорем, мо, инсонҳо, ки кори ҳозир мешудагиро ба фардо мегузорем. Оҳ, агар ин хислатамон намешуд...

Агар ба қадри вақт нарасем, умрро зоеъ хоҳем кард. Аксарияти мо «пагоҳ»- ро интизор мешавем, то кореро ба анҷом расонем, масалан, барои халос шудан аз ягон рафтори бадамон як андеша дорем: “Пагоҳ ин одатро тарк хоҳам кард.” Аммо пагоҳ, боз пагоҳи дигарро интизор мешавем. Коре, ки ба худ ва дигарон фоидаовар набошаду он барои вақтгузаронӣ бошад, аз пайи он кор нашудан салоҳи кор хоҳад буд. Одамон “ягон корро иҷро намудан лозим” мегӯянд, вале онро ба таъхир мегузоранд. Мутаассифона, вақте ки замони ваъдагӣ меояд, он кор фаромӯш шудаву чархи гардун кори дигареро ба сарашон аллакай бор кардааст. Масалан, замоне устод ба хонанда вазифае медиҳад, хонанда онро бо мақсади он ки фардо иҷро хоҳад кард, ба таъхир мегузорад, магар вай намедонад, ки фардо боз вазифаи наве ба дӯшаш бор хоҳад шуд? Ҳамин тавр, аввал худ зарар мебинаду дар ҳоли мунтазам бесавод мондан ба ҷомеа низ зарари худро мерасонад. Ин мисли он аст, ки агар устои хонасоз ҳангоми хиштчинӣ баъзе ҷойҳои хиштҳоро ночида гузашта равад, оқибат мушкилиҳои зиёде ба бор хоҳад овард.

Ҳар гоҳ ки вақти холӣ пайдо шавад, ба китобхонӣ машғул шудан салоҳи кор аст. Аз ин лиҳоз, ҷавононро мебояд вақти қимати худро набояд сарфи корҳое, ки на ба худ ва на ба ҷомеа манфиате меоранд, Саргардонӣ дар имову вотсапу фейсбуку инстаграму тиктоку ҳазору як балову офати дигар, ки ҳисобашон гум, намедонем, мутассифона, аксар вақти мо бо ана ҳамин саргармиҳои беҳуда мегузарад.

Инсон як маротиба ба дунё меояду як маротиба аз дунё меравад. Моро мебояд умри хешро ба корҳои муфид истифода намуда, барои такомули илму дониши худ ва манфиати ватану ҷомеа корҳое ба сомон расонем, ки самарааш ҷуз хушҳоливу сурхрӯӣ чизи дигаре намебошад. Ба қавли шоир:

*Умр агар хуш гузарад, зиндагии Хизр кам аст*
*В-ар ба нохуш гузарад, ними нафас бисёр аст.*

***Абдураҳмон ҚОСИМОВ,***
***омӯзгори математика,***
***шаҳри Турсунзода***

ЁДЕ АЗ ҲАМКОР

***Дар нашрияи «Омӯзгор» тайи солҳои соҳибистиқлолӣ рӯзноманигорони соҳиблаёқату заҳматкаше фаъолият намудаанд, ки бо навиштаҳои пурмуҳтаво, ғолибан дар шаклу мазмун то ҷое навгароёна ва таҳлилию таҳқиқӣ, ки марбути мавзую мушкилоти таълиму тарбия мебошанд, саҳми босазои худро гузоштаанд.***

# Инсони нексиришт

Бештарини ин қаламбадастон аз мактаби ҳирфаии рӯзноманигорони шинохта ҷузъиёту нозукиҳои таълифу иншои мақолаю матлаби ҳадафрасу инъикосгари паҳлуҳои гуногуни соҳаро омӯхтаву баҳраҳо бардоштаанд. Дар радифи аз он кормандони асосии нашрия, мухбирони минтақавӣ низ бо навиштаҳои фаврӣ ва хусусан, хабару гузоришҳои тозаашон хидмати назаррасро дар пешбурди кори нашрия анҷом додаанд, ки марҳум Ҷумъабек Эҳсонов аз қабили онҳо маҳсуб меёфт. Ман бо навиштаҳои Ҷумъабек аз солҳои 2011-2012 шинос будам. Вай ба сифати мухбири нашрия дар минтақаи Кӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ба гунаи оҷил матолибу мақола ва хабару гузоришҳои хонданӣ, ҷолиб ва пурмазмунро аз ҳаёту фаъолияти омӯзгорону устодони муассисаҳои таълимию марказҳои таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои томактабӣ, марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо, инчунин, иштирок ва дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои сатҳи ноҳиявӣ, минтақавию ҷумҳурӣ, таъмини таълимгоҳҳо бо васоити техникии замони муосир (аз қабили компютеру тахтаҳои электронӣ ва видеопроекторҳо), масоили сохтмони биноҳои нави таълимӣ, методу шеваҳои таълимии омӯзгорони соҳибтаҷрибаву соҳибмактаб ва ғайра навишта, ба нашрия ирсол менамуд, ки он навиштаҳо сари вақт дар саҳифаҳои ҳафтанома ба табъ мерасиданд. Акаи Ҷумъабек дар хусуси масоилу мушкилоти соҳаи маориф, ба хусус, нарасидани синфхонаҳою ҷойи нишаст, кӯҳнаву садамавӣ гардидани бинои яккатор таълимгоҳҳо, иҷро нашудани баъзе аз барномаҳои давлатӣ дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва донишазхудкунии хонандагон дар шаҳру навоҳии минтақаҳои Кӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) бо дилсӯзӣ менавишт ва ба матолиби интиқодияш аз мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва раёсату шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба таври зуд ҷавоб меомад.

Ниҳоят, акаи Ҷумъабек ба идораи нашрия омад ва зимни суҳбат хушҳолию масаррати худро пинҳон надошта, иброз дошт, ки «агар ба Кӯрғонтеппа сафари корӣ анҷом додед, ҳатман ба ман занг занед». Ингуна борҳо ба шаҳру навоҳии Кӯрғонтепппа (ҳоло Бохтар) сафар карда, аз ҳаёт ва кору пайкори аҳли маорифи шаҳру ноҳияҳо, фаъолияти раёсату шуъбаҳои маориф, коллеҷу литсейю таълимгоҳҳо ва пешравию дастовардҳо, инчунин, норасоию мушкилот дар раванди таълиму тарбия мақолаҳо навишта ба табъ расондем. Дар ҳамаи ин сафарҳо шодравон Ҷумъабек Эҳсонов моро ҳамроҳӣ мекард ва бо суҳбатҳои ширину нақлҳои шавқовараш хотирамонро болида месохт. Боре ҳангоми боздиду шиносоӣ аз муассисаҳои таълимии шаҳри Бохтар ва ноҳияи Вахш ба сабаби бегоҳ шудани рӯз, Ҷумъабек ба нею нестонамон нигоҳ накарда, моро ба хонааш, ки дар яке аз ҷамоатҳои деҳоти Вахш воқеъ гардида буд, ба меҳмонӣ таклиф кард. Шомгоҳон аз ҳар дар суҳбат кардем, воқеаҳои фалокатбору маъмули ҷанги дохилиро, ки нақши ногувори худро дар ҳудуди ноҳия гузошта буд, ба ёд оварда, Ҷумъабек шукрона дар лаб аз ободию шукуфоӣ ва пешрафту дастовардҳое, ки бо саъйю талош ва заҳмату фидокориҳои Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, бо ҳарорат ҳикоятҳо кард. Зимнан, мегуфт, ки инак аз он вайронаҳову манзилҳои сӯхта нишоне ҳам боқӣ намондааст. Биноҳои нави таълимӣ бунёд гардида, роҳҳо таъмиру бозсозӣ ва Вахш мисли собиқ ба водии зарнисор табдил ёфтааст. Акаи Ҷумъабек покизалибосу покизаниҳоду озодамарде буд, ки ҳини суҳбат ё баҳсу мунозираҳо ҳеҷ гоҳ овозашро баланд намекард, нармгуфтору хушсухан буд ва чеҳрааш ҳамеша ғарқ дар мавҷи табассуми хушҳолӣ. Аҷобат дар он буд, ки дар дидору воҳӯриҳо ҳеҷ гоҳ аз вазъи сиҳатияш ҳарфе ба забон намеоварду шикоят намекард. Нигоҳи чашмонаш хаёломез, гоҳо хомӯширо ихтиёр мекард, ҳарфе намезад. Аммо, новобаста аз синну солаш



(вай аз мо бузургсолтар буд) дар таълифи ину он мавод маслиҳатҳо мепурсид ва хандида изҳор медошт, ки «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд». Ҳамин гуна инсони хоксору фурӯтан ва соҳибдиле буд акаи Ҷумъабек. Рӯзе, ки хабари дилрешкунандаи даргузашти ногаҳонии Ҷумъабекро шунидем, ростӣ бовaрамон наомад, вале… вале ҳақиқати талх буд он хабар.

Чанд солест, ки Ҷумъабек Эҳсонов дар байни мо нест, аммо мо ӯро ҳамеша ба ёд меорем, аз суҳбату навиштаҳояш ҳарф мезанем ва яке дар оинаи рӯъё чеҳраашро дар пеши назар мебинем. Дарро кушода, бо ҳамон хандаҳои самимӣ, нигоҳи пурмеҳр ва овози малеҳ хитоб мекунад:

- Шуморо ёд кардам, ана хабаргириятон омадам. Шукр, ба дидори ҳамдигар расидем…

Ёдаш ба хайр!

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

# Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише

Дар ин матлаб оид ба Лоиҳаи Оҷонсии рушди байналхалқии Амрико (USAID) “Ҳамроҳ бихонем”, ки ҳадафи асосии он дар давоми панҷ сол беҳтар намудани малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ҳарф заданием.

Дар соли таҳсили 2016-2017 татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ оғоз гардид. Лоиҳаи пурбору судманди (USAID) “Ҳамроҳ бихонем” дар бисёре аз давлатҳои дунё дар амал иҷро шуда, самараҳои хуб додааст.

Яке аз мақсадҳои асосии лоиҳа дар самти баланд бардоштани завқу шавқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба мутолиа, таъмин намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо китобҳои бадеии бачагона ба тариқи ройгон маҳсуб меёбад. Тавре ба мо маълум аст, аксари хонандагон дар давраи гузариш ба усули таълими салоҳиятнокӣ, ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мешаванд ва таассуфовар аст, ки баъзе аз омӯзгорон дар ин самт ба ёрӣ ва маслиҳату машваратҳои касбӣ ниёз доранд.

Муносибати салоҳиятнок дар таълиму тарбия талаб мекунад, ки аввал салоҳиятҳои умумии таълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешавад.

Омӯзгори асил дар мактаб бояд хонандагонро қадаме ба пеш барад, ҳар рӯзи ҳаёти мактаб бояд рангину ҷолиб бошад, меҳру шавқи шогирдонро ба илм дониш, маҳорат, малака ва маърифат афзун намояд ва хонандагон бояд ҳар саҳар бо дили гарм ва рӯҳбаландона ба сӯи мактаб оянд. Дар ин ҷода нависандаи бузурги рус Л. Н. Толстой мефармояд: “Омӯзгоре, ки муҳаббат ба кор ва шогирдонро ба ҳам омезиш медиҳад, омӯзгори комил аст”.

Бояд гуфт, ки айни замон ислоҳоти соҳаи маориф дар кишвар бар мабнои дигаргуниҳои куллие, ки дар таҳсилоти байналмилалӣ рух медиҳанд, муташаккилона идома дорад. Мо, омӯзгорон, хушбахтона, ба ҳамаи мушкилоти воқеӣ нигоҳ накарда, ба ин раванд пайваст шуда, зина ба зина методу усулҳои муосири таълимиро дар амал татбиқ намуда истодаем.

“Кӯдакон масолеҳе ҳастанд, ки Худованд барои сохтани дунёи оянда ба ихтиёри мо мегузорад”, Ин суханони пурҳикмати мутафаккири бузурги Эрон Муҳаммад Ҳиҷозиро сармашқи кору фаъолияти худ намуда, кӯдаконро ба хониш, дӯст доштани китоб, ба китобхона ҷалб намуда, дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва худогоҳӣ тарбия кардан рисолати ҷонии мост.

Хурсандиовар аст, ки тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва тақвияти забондонӣ, миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа ва баланд бардоштани фарҳанги китобдориву китобхонӣ озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” идома дорад.

***Парда ҶАЛОЛОВ,***
***омӯзгори собиқадор, тренери муносибати босалоҳияти ба таълим,***
***Матлуба ИШБОБОЕВА,***
***омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №13, тренери минтақавӣ оид ба татбиқи Лоиҳаи (USAID) “Ҳамроҳ бихонем”, ноҳияи Хуросон***

Тоҷикистон ҳамкориро бо Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат тавсеа мебахшад.

ИННОВАТСИЯ

# Омӯзиши технология рисолати омӯзгорон аст

*Маориф соҳаест, ки имрӯзҳо барои рушди он аз тарафи ҳукумати мамлакат диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки ин бесабаб нест. Ба ғайр аз лоиҳаҳои маҳаллӣ, инчунин, лоиҳаҳои байналмиллалӣ низ дар соҳаи маориф татбиқ шуда истодаанд.*

Лоиҳаи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) "Биё, ҳамроҳ омӯзем" яке аз лоиҳаҳоест, ки барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия хизмат намуда, самараи хуб медиҳад. Ин лоиҳа на танҳо барои таълими хуби кӯдакон, балки ҷиҳати кумак ба омӯзгорон низ хеле муфид аст. Ҳамчун тренери ноҳиявӣ дар ин лоиҳа фаъолият бурда, шоҳиди он гаштам, ки дар муддати кӯтоҳ дар фаъолияти шунавандагон дар самти истифодабарии имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Пас аз 17 машғулияте, ки дар ноҳияи Зафаробод гузаронида шуд, аз шунавандагон пурсон шудем, ки аз машғулиятҳо чӣ натиҷа гирифтед? Ҷавобҳои онҳо мотренеронро хеле рӯҳбаланд гардонид.



Аз гуфтаҳои онҳо, бовар ҳосил кардем, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври назаррас натиҷаи хуб додааст.

Дар маҷлисҳои кумитаи падару модарон бори аввал аз проектор ва намоишнома истифода шуд ва акнун ин раванд ба ҳукми анъана даромад.

Қолаби "Иди алифбо" шикаста шуд. Дар он тасвирҳо барои саҳнаҳо ва ҳам барои тамоми сенария намоишнома тахия шуд, ки дар оянда такмил меёбад. Баранда дар даст на коғази сафед, балки планшет дошт.

Акнун дар ҷамъбасти чоряк на "Ҳисобкунак", балки барномаи MS Excel истифода мешавад.

Омӯзгоре ҳикояи худро чунин баён кард, ки пештар низ бо компютер, кор мекардам, аммо пас аз ин директор муддате бо танзими компютер банд мешуду сипас, кори худро шурӯъ мекард. Акнун фаҳмам, директор бо намуди кӯҳнаи барнома сару кор доштааст. Ҳоло бошад, ман компютер ва барномаи онро танзим намуда, ба корҳояш кумак расонида истодаам. Аввал ман аз директор мепурсидам, ки чӣ кор кунам? Ҳоло бошад, ин саволро ӯ ба ман медиҳад, ки ин ба ман завқи зиёд медиҳад..."

Акнун омӯзгорон нақшаҳои тақвимӣ ва тавзеҳотӣ, аёнияту тестҳо, намоишномаҳо ва ғайраҳоро бештар истифода мекунанд, зеро тавассути компютер ин аснодро мустақилона таҳия намуда, нишон дода метавонанд.

Шунавандагони мо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ буданд, ки собиқаи чандинсолаи корӣ доранд. Аксари онҳо, новобаста аз оне, ки пештар бо технологияи иттилоотӣ кор накардаанд, ба ин самт майлу рағбати зиёд пайдо карда, аз технологияҳои навин ҳам дар ҷараёни таълиму тарбия ҳам фаъолияти ҳаррӯзаи худ ҳар чӣ бештар истифода мебаранд. Мувофиқи лоиҳа, акнун онҳо бо шунавандагони худ дар минтақаҳои ноҳия машғулият мегузаронанд. Умед дорем, ки ҳамаи омӯзгон дар муассисаҳо минбаъд бо компютеру технологияи иттилоотӣ кор мекунанд. Зеро дигаргуниҳое, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба даст овардаанд, барои дигар омӯзгорон низ мушкилие надорад. Пушида нест, ки имрӯзҳо дар аксар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, мактабҳои ноҳияхои дурдаст ҳамагӣ якчанд нафар бо компютеру тахтаи электронӣ сару кор доранд.

**Шухратҷон РУСТАМОВ,**
*омӯзгори технологияи иттилоотии литсейи ноҳияи Зафаробод*

СИФАТИ КИТОБҲОИ ДАРСӢ

# Ҷавобгӯ ба талаботи замон

Китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфҳои 9-ум (муаллифон Д.Хоҷаев, Ф. Зикриёев, М. Саломов. Душанбе; Маориф, 2018) асосан мавзуи синтаксиси (наҳв) ҷумлаҳои мураккабро фаро гирифтааст, ки он як қисми ниҳоят мураккаби илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ҳақ ба ҷониби Шамси Қайси Розӣ аст, ки гуфтааст: "Наҳв мизони калони мансур аст, ҳамчунон ки арӯз мизони каломи манзум".

Бояд гуфт, ки китоб ба талаботи замон ҷавобгӯ ва мутобиқ ба барномаи давлатии забони тоҷикӣ буда, дар он мураккабтарин мавзуъҳои забони тоҷикӣ, аз қабили ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаи мураккаби пайваст, навъҳои ҷумлаи пайрав, ҷумлаҳои пайрави ҳол, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб, омехта ва ғайра омӯзонида мешавад.

Мавзуъҳои ниҳоят мураккаби китоб - "Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб" ва "Ҷумлаи мураккаби омехта"-ро муаллифон ин мавзуъҳоро бо мисолу матнҳои хеле содаю фаҳмо тавзеҳ ва маънидод кардаанд.

Инчунин, дар машқи 140 муаллифон якчанд ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро оварда, аломатҳои китобаташро нагузоштаанд ва супориш додаанд, ки аломатҳои китобаташонро хонандагон гузошта, хели ҷумлахои пайравиро муайян кунанд. Ин қабил мисолҳо ва супоришҳо дар якчанд мавзуи китоб ба назар мерасад. Бояд зикр намуд, ки ин як роҳи шавқовар ва ба андеша водор намудани хонандагон буда, ба низоми нави тадрис – муносибати босалоҳият ба таълим созгор мебошад.

Муаллифони китоб ба ҳар як мавзуъ аз осори адибони классик ва муосири тоҷик мисол ва матнҳои моҳияти пандуахлоқидошта овардаанд. Ҳамчунин, дар қисмати охири китоб доир ба ҳар як мавзуъ саволҳои тестӣ оварда шудааст.

Бояд гуфт ки аз омӯзиши ин китоб хонандагон метавонанд мавридҳои гузоштани аломатҳои китобат, моҳият сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ва ғайраро ба пурраги аз худ намоянд.

Хуб мешуд, ки китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфи 6 ва 11 низ бо чунин сабку шева таълиф мешуд. Масалан: китоби дарсии забони тоҷикӣ барои хонандагони синфи 6 (муаллифон С. Анварӣ, А. Мирзоев, Душанбе, Маориф, 2015) содаю фаҳмо ва мувофиқ ба барномаи таълимии забони тоҷикӣ мебошад, лекин дар бисёре аз мавзуъҳо мисолҳо аз ашъори шоирони Эрону Афғонистон оварда шудааст. Ҳол он ки адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик осори ниҳоят ғанӣ ва пурмухтаворо доро буда, аз ашъори шоирони гузашта мисолҳо овардан хеле ба маврид мебуд.

Китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфи 11 бошад, забон ва тарзи баёни мураккаб дошта, ба барномаи давлатии забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад. Масалан, оид ба мавзуи "Ҳусни баён" чор соат ҷудо шудааст, лекин дар китоб дар ин бора ҳамагӣ як саҳифа маълумот ҳасту халос.

**Файзулло ИБРОҲИМЗОДА,**
*омӯзгори МТМУ №17-и шаҳри Роғун*

Забон муаррифи фарҳангу тамаддун ва ҳастии миллат ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон оид ба омӯзиши забони тоҷикӣ пайваста таъкиду пешниҳодҳо менамоянд, то ки шавқу рағбати хонандагон нисбат ба китобу мутолиа зиёд гардад.

# Китоби дарсӣ бояд содаю фаҳмо бошад

Маҳз бо иқдому дастури Сарвари давлат се сол боз озмуни «Фӯруғи субҳи доноӣ китоб аст» дар тамоми манотиқи кишвар идома ёфтаву шавқу рағбати насли наврас ва ҷавононро ба осори бадеӣ зиёд намуд. Ҳанӯз шоир ва табиби бузург Абуалӣ ибни Сино дар замони зиндагиаш асаре офарид, ки он бо номи «Махориҷ-ул-ҳуруф» машҳур аст ва дар он оид ба ҳодисаҳои савтӣ, яъне фонетика сухан меравад. Дар ин асар Ибни Сино доир ба исм ва феъл ишораҳо намуда, исмро ном ва феълро куниш номида аст. Қисмати фонетика (савтиёт) дар омӯзиши фанни забон мавқеи асосӣ дорад. Мо бояд кӯшиш намоем, ки ҳанӯз аз синфҳои поёнӣ хонандагонро бо овоз ва тарзи талаффуз шинос намоем. Зеро шогирдон аз рӯйи талаффузи овоз зудтар бо ҳарф ошно мегарданд. Дуюм мушкиле, ки дар омӯзиши забони тоҷикӣ ба чашм мерасад, истифодаи усули муносибати босалоҳият ба таълим ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои нутқ маҳсуб меёбад. Забон ва тарзи баёни китобҳои дарсие, ки барои хонандагони синфҳои 5-6 аз забони тоҷикӣ (давлатӣ) таълиф гардидаанд, то андозае мушкилфаҳм мебошад. Омӯзиши ҳиссаҳои нутқ, ки ба қисмати морфология дохил мешавад, барои кӯдаконе, ки ҳамагӣ 11-12- сола мебошанд, мушкилӣ ба бор меорад. Беҳтар мебуд, мо дар ин синну сол қисмати синтаксисии забонро ба пурраги ба хонандагон омӯзонем, сипас, ба қисмати морфология оғоз намоем. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки як идда донишҷӯёни мактабҳои олӣ, мутаассифона, қисматҳои забоншиносиро дар сатҳи хеле паст аз худ кардаанд, аз ухдаи навиштани корҳои хаттӣ ба хубӣ намебароянд. Ба хатоҳои имлоии зиёде роҳ медиҳанд. Дар китобҳои забони тоҷикии синфи 6 оид ба сифати феълӣ ва феъли ҳол сухан меравад. Ба фикри банда, ин мавзуъҳо каме мушкилфаҳманд, яъне мураттибону муаллифони китоб вақти таълиф дарку фаҳмиши хонандаро ба инобат нагирифтаанд. Бигузор, мавзуи «Феъл», ки хеле васеъ ва доманадор аст, дар синфи 8 ва 9 омӯзонида шавад.

**Сайлигул ГУЛОВА,**
*ҷонишини директор оид ба таълими мактаби №10-и ноҳияи Восеъ*

ДОВТАЛАБ - 2022

# Марҳилаи асосии бақайдгирии довталабон то 15-уми апрел идома меёбад

Тавре қаблан иттилоъ дода будем, аз 1 март дар мамлакат марҳилаи асосии бақайдгирии довталабон барои иштирок дар ИМД ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, ки то 15 апрел идома меёбад.

Довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ то 12 комбинатсияи ихтисосӣ ба худ писандро дар доираи нақшаи қабули донишҷӯён бо дарназардошти муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳо (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) ва намудҳои таҳсил (ройгон, пулакӣ) интихоб карда метавонанд. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) танҳо аз рӯйи таҳсили рӯзона ба роҳ монда мешавад, аммо довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) ҳам намуди таҳсили ройгон ва ҳам пулакиро интихоб карда метавонанд.

Инчунин, довталаб дар вақти бақайдгирӣ яке аз забонҳо (русӣ ва тоҷикӣ) ва маконҳои имтиҳонсупорӣ ва макони фиристодани даъватномаро ихтиёран муайян мекунад. Довталабоне, ки ихтисосҳоро аз гурӯҳҳои ихтисосӣ 2-юм (иқтисод ва география), 3-юм (филология, педагогика ва санъат) ва 4-ум (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ) интихоб мекунанд, барои имтиҳон аз забони хориҷӣ яке аз забонҳои хориҷӣ – англисӣ/немисӣ/фаронсавӣ/арабиро интихоб карда метавонанд.

Беш аз 100 ширкату корхонаҳои сайёҳии Тоҷикистон ва Туркия дар Форуми сайёҳӣ дар Истанбул иштирок карданд.

ШАРАФМАНД

# Ёде аз устоди ҳалиму саид

*Ашхоси афроди бомаърифату донишманд бо заҳмату ковишҳо ва таълифи осори илмию таълимӣ дар дили ҳамзамонони худ нақши боризе мегузоранд ва бо ин номи худро дар саҳифаҳои таърихи миллат зиндаю ҷовид мегардонанд.*

Устоди равоншод ва яке аз омӯзгорони хеле ҳалиму меҳрубон, донишманди закитабъ ва тарғибгари забони тоҷикӣ Саид Ҳалимов аз зумраи чунин шахсиятҳои варзидаи илму маорифи кишвари азизамон – Тоҷикистон мебошад, ки тамоми умри бофайзу бобаракати худро сарфи таълиму тарбияи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва таълифи китобҳои илмию таълимӣ кардааст. Чунин хидматҳои шоёни ин марди хирад моро водор сохт, ки дар арафаи ҷашни 90-умин солгарди устоди равоншод аз мақоми волову боарзиш ва аз корномаи таълимиву илмиии ӯ ба некӣ ёд оварем.

Саид Ҳалимов дар ноҳияи Ваҳдат, дар оилаи деҳқон ба дунё омада, дар ҷорсолагӣ хондану навиштанро омӯхтааст. Аз 13-солагӣ дар интернати шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) таҳсил карда, соли 1950 онро бо медали нуқра бомуваффақият хатм мекунад ва ба факултети таъриху филологияи (шуъбаи филологияи тоҷик) Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил мешавад.

Саид Ҳалимов донишгоҳро соли 1956 бо дипломи аъло хатм намуда, бо тавсияи комиссияи имтиҳоноти давлатӣ ба кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба кор пазируфта мешавад ва то охирин лаҳзаҳои ҳаёт, яъне то соли 2009 дар ин даргоҳ кору фаъолият мекунад. Ӯ солҳои 1959-1962 дар аспирантура таҳсил карда, соли 1964 рисолаи илмиро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология бо роҳбарии профессор Ҳ. Каримов дар мавзуи «С. Айнӣ - забоншинос» ҳимоя мекунад.

Фаъолияти омӯзгории Саид Ҳалимов аз соли 1956 оғоз ёфта, то вопасин лаҳзаҳои умр (соли 2009) идома меёбад. Дар тӯли 56 сол дар ин пешаи бошараф заҳмат кашида, ба донишҷӯён дарси адабу ахлоқ омӯхтанд. Устод С.Ҳалимов солҳои аввал ба донишҷӯён аз фанни матни классикӣ ва солҳои минбаъда аз фанҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забони адабии тоҷик, типологияи муқоисавии забонҳои эронӣ ва дигар фанҳои тахассусӣ дарсҳои назариявию амалӣ мегузарад. Устод С. Ҳалимов ба дарсҳо бо масъулият ва ҷиддияти том омода мешуд, аз ин рӯ, доир ба ҳамаи дарсҳои таълимӣ барнома ва матнҳои лексияҳоро аз рӯи мутолиаи осори назариявиву манобеи илмӣ ва гирдоварии шавоҳиди мӯътамад аз сарчашмаҳои адабиёти классикӣ омода мекард. Аз ҷумла, "Барномаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1988), "Барномаи таърихи забони адабии тоҷик"(1989, 2007, 2013)-и таҳиянамудаи ӯ чанд дафъа таҷдиди назар шуда, интишор ёфтаанд. С.Ҳалимов муаллифи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ (Ҷонишинҳо. – Грамматикаи забони адабии тоҷик. Қисми 1. Фонетика ва морфология (1956), Китоби хониш (Васоити таълим барои студентони факултетҳои филология ва таърих) (1974), Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ. Бо ҳаммуаллифии Шукурова К. (1988), "Таърихи забони адабии тоҷик" (асрҳои IX-X ва XI-XIII) (2002), "Алифбо ва имлои осори ниёгон (2003)" мебошанд. Инчунин, ба қалами С.Ҳалимов китобҳои дарсӣ барои саводнок кардани оммаи мардум ва хонандагони мактаби миёна тааллуқ доранд, ки "Китоби хониш барои калласаводон (1958)" ва "Китоби хониш барои калонсолон (1962)" аз ҳамин қабиланд.

Устод С. Ҳалимов яке аз посдорон ва ҳомиёни забони ноби тоҷикӣ, поку орӣ аз унсурҳои бегона нигоҳ доштани он буда, аз минбарҳои баланд ва воситаҳои ахбори омма садо баланд кардааст. Дар мақолаҳои ӯ "Сарвати бебаҳо" (1991), "Забони мо - дилу ҷони мо (1991), "Оё ҷамъҳои арабӣ дар забони матбуоти мо лозиманд? (1991), "Нигаҳдору нигаҳбони забони тоҷикӣ бошем" (1998), талошҳои ӯро дар ин ҷода дидан мумкин аст.

С.Ҳалимов ба ҳайси забоншиноси варзида ва беҳтарин донандаи осори классикӣ ба рушду инкишофи ҷанбаҳои таърихии забони тоҷикӣ дар замони нав, махсусан, давррони истиқлолияти кишвари азизамон – Тоҷикистон, хидматҳои мондагоре ба анҷом расонидааст. Таълифи китобҳои дарсӣ ва рисолаҳои илмии "С.Айнӣ – лексикограф", "Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик", "Таърихи забони адабии тоҷик" (асрҳои X ва ), (1979), "Қиссаи Исмоили Сомонӣ" (1999, "Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII)", "Феъл" (Куниш) ва даҳҳо мақолаи илмию оммавиро нашр карда, аҳли маърифатро ба таърихи рангини забони тоҷикӣ ошно кардааст.

Саид Ҳалимов дар самти тарғибу ташвиқ ва пойдории забони тоҷикӣ аз пайравони варзидаи устод С.Айнӣ буда, дар ин самт яке аз нахустин айнишиносон даниста мешавад. Дар пажӯҳиши масъалаҳои забоншиносӣ С. Ҳалимов диду муҳокимаронии васеву жарф ва дарки маънии амиқи масъаларо дошт. Устод аз ҷавонӣ ба андешаҳои забоншиносии С. Айнӣ таваҷҷуҳ намуда, аз пайи омӯзиши ин масъала камар баст ва ба асару ва пажӯҳишҳоеро, чун "Қайдҳои С. Айнӣ оид ба орфографияи забони тоҷикӣ" (1964), "Устод Айнӣ дар бораи ташаккули забони адабии тоҷик" (1967), "Устод Айнӣ дар бораи



робитаи маънавии калима дар ҷумла" (1964), "Мубориза устод Айнӣ барои тозагии забони адабии тоҷик" (1964), "Айнӣ дар бораи муносибати забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ" ( 1965), "Устод Айнӣ дар бораи забон ва услуби баён" ( 2005) ба табъ расонидааст.

Дар монографияи "Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик" назари муаллиф перомуни андешаҳои С. Айнӣ дар борaи муносибати забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ, дар бораи инкишофи забони адабии тоҷик ва сода кардани забони адабӣ ва истифодаи забони адабиёти классикӣ, дар бораи забон ва услуби асарҳои адабӣ ва истеъмоли луғатҳои иқтибосӣ, дар мавриди истифода аз забони зиндаи умумихалқӣ ва нақши ӯ дар инкишофи забон баён шудааст.

Забоншинос С.Ҳалимов ба хидматҳои С.Айнӣ ва мубориза ӯ ба бахри рушду забони миллӣ баҳои баланд медиҳад: "Вай аз он касоне буд, ки аз солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ ба масъалаи тоза намудани забони адабӣ аз калима ва ибораҳои номафҳуми арабӣ ва архаистӣ диққати зиёд дода, барои инкишоф ва суфта шудани сохти синтаксисии он аз рӯзҳои нахустини матбуоти тоҷик мубориза бурда, баъдҳо ин масъалаи боз ҳам васеътар ва ҳаматарафатар ҳал карданӣ шуд.

Бори аввал ба ҳунари луғатнависии С.Айнӣ забоншинос С. Ҳалимов таваҷҷуҳ намуда, хидматҳои С.Айниро дар гирдоварии луғоти ноби тоҷикӣ ва луғати тафсирии ӯ, ки дар шакли мусаввада буд, қайд мекунад: "Фаъолияти лексикографии вай хеле васеъ ва гуногун буда, онро дар таҳрири луғатҳо, луғатнависӣ, дар чоп кардани осори классикон, дар дохил ва ҳошияи асарҳои илмӣ ва адабӣ, дар қайду эзоҳи асарҳои илмӣ ва адабӣ, мактубу мақолаҳо дидан мумкин аст".

Дар арафаи ҷашни 90-солагии устод С. Ҳалимов китоби ӯ "Таърихи забони адабии тоҷик (аз асрҳои IX-X то ибтидои асри XX)" аз чоп баромад. Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал ба гирдоварии забони осори ҳазорсолаи форсу тоҷик ба тариқи хронологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

***М.САЛОМИЁН, Ф.ШАРИФОВА,***
***профессорони кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ***

ЧЕҲРА

Шахс дар ҷомеа бояд сахми худро дар пешравии он, мустаҳкамгардонии пояҳои давлатдорӣ, ҳифзу ҳимояи таъриху маданияти халқу диёраш ҳамчун фарзанди асили он гузорад.

Устод Нурулло Ҳасанов яке аз беҳтарин шахсиятҳои барнодил, ҷавиирода, узви Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифи зиёда аз 15 китоби таърихию фарҳангӣ дар бораи соҳаҳои гуногуни ҳоҷагии халқ ва таърих аз 1000 нафар маҳорату дарси рӯзноманигорӣ омӯзондааст. Дар давоми фаъолияти кориаш ӯ дар байни аҳолии ноҳия ҳамчун шахси ҳақиқатнигор, ростқавлу соҳибқалам ном баровардааст. Меҳнату заҳматҳои ӯ бо чандин ифтихорномаю сипосномаи мақомоти маҳаллӣ қадрдонӣ гардидаанд. Ба корафтодагони зиёде дар ҳалли мушкилоташон дар лаҳзаҳои душвор дасти ёрӣ дароз кардааст. Чандин сол сармуҳаррири

## Бо қалам дар хидмати мардум

фарҳанги ноҳияи Муъминобод мебошад. Ӯ ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри гузашта дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» мақолаву хабарҳо менавишт. Дар тӯли зиёда аз 50 соли ҳамкориаш бо нашрияҳои даврӣ дар бораи мардуми диёри куҳанбунёди Муъминобод садҳо мақолаю хабар навиштаву ба чоп расонидааст. Месазад гуфт, ки имрӯз ҳам мардуми дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар бораи таърих ва фарҳангу пешравиҳои диёри Муъминобод, тавассути хабару мақолаҳо, гузоришҳою лавҳаҳои устод Нурулло Ҳасанов иттилоъ пайдо мекунанд. Ба зиёда рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» буд. Ӯ дар давоми фаъолияти кориаш тамоми ҳастиашро барои ободии диёри худ ва тарбияи наврасону ҷавонон бахшидааст. Маҳфили «Қалам» дар назди рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» фаъолият дорад, ки шогирдони зиёди устод ба он ҷалб шудаанд.

Барои устод мафҳуми Ватан, модар, ҳурмату эҳтироми калонсолону дастгирии мардум, тинҷию оромии диёри азиз дар ҷои аввал меистанд. Ин аст мавқеи зиндагӣ барои ҳар як инсони ватандӯсту ватанпарвар.

***Сайҳомид САФАРОВ, рӯзноманигор***

ҲИММАТ

# Дасти сахои омӯзгор

Яке аз он шахсиятҳое, ки бо фаъолияту иқдомҳои назаррас дар ноҳияи Муъминобод соҳиби иззату эҳтиром гардидааст, Ғаффор Шарифов ба ҳисоб меравад. Ӯ то синфи 9 дар мактаби деҳаи Ғабардара таҳсил дошт. Ҳамон таълимгоҳе, ки якчанд вақт пас роҳбарии онро ба уҳда мегирад ва ҳоло ҳам дар он ҷо кор мекунад.

Баъди хатми мактаб- интернати №13, ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ як сол дар совхоз коргари одӣ буд. Ду сол дар Олмон хизмати сарбозиро ба ҷо овард. Аз он ҷо баргашта, мактаби яксолаи муҳосибӣ ва соли 1998 Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлобро хатм мекунад.

Дар мактаби азизаш ба шогирдон аз фанҳои химия – биология сабақ меомӯзонад. Як моҳ нагузашта, ӯро муовини директори мактаби №29 таъйин намуданд. Маҳорат, қобилият ва кордониашро ба инобат гирифта, Ғаффорро ба директории муассиса тавсия доданд. 13 соли расо роҳбарии коллективи мазкурро бар уҳда дошт. Таълимгоҳ дар ноҳия ном баровард, шогирдонашон дар озмуну олимпиадаҳо иштирок ва пирӯз мегардиданд. Акнун таҷрибаи пешқадами мактаби мазкур дар ноҳия ба таври васеъ омӯзонда мешуд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Ғаффор Шарифовро ба вазифаи раиси Ҷамоати деҳоти Балхобӣ тавсия дода, хато накард. Маҳз дар давраи директорӣ ва раисии ҷамоатӣ ӯ бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ алоқаю ҳамкории зич пайдо кард. Агар ду даъват ӯ вакили маҷлиси ҷамоат интихоб шуда бошад, соли 2020 сокинони деҳаҳои Ғабардара, Шулулу Ғаффорро ба маҷлиси ноҳиявӣ вакил интихоб карданд.

Бо ғайрат, талошу кордониаш тавонист, ки корҳои хайру шоистаро амалӣ созад. Мактабро бо ёрии созмонҳои ғайридавлатӣ аз таъмири асосӣ баровард, синфхонаҳои иловагӣ сохта, бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намуд. Бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ синфхонаҳои иловагӣ бунёд ёфтанд. Ба тариқи ҳашар аз ду чашма ба масофаи 13 километр оби нӯшокӣ оварданд. Бо ин роҳ, инчунин, бунгоҳи тиббӣ сохтанд.

***Нурулло ҲАСАНОВ, рӯзноманигор***




## ҲИКОЯТҲО

Ду кас ранҷи беҳуда бурданд ва саъйи бефоида карданд: яке он, ки андӯхту нахӯрд ва дигаре он, ки омӯхту (амал) накард.

*Илм, чандон ки бештар хонӣ,*
*Чун амал дар ту нест, нодонӣ.*
*На муҳаққиқ бувад, на донишманд,*
*Чорпое бар ӯ китобе чанд.*
*Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,*
*Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?*

***

Аъробиеро дидам, ки писарро ҳамегуфт:
Туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист, нагӯянд падарат кист ва аслат чӣ?

*Ҷомаи Каъбаро, ки мебӯсанд,*
*Ӯ на аз кирми пила номӣ шуд?*
*Бо азизе нишаст рӯзе чанд,*
*Лоҷарам ҳамчу ӯ гиромӣ шуд.*

***

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунёро эътиқод нашояд ва симу зар дар сафар-бар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихӯрад. Аммо ҳунар чашмае зояндаи асту давлате поянда. Агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад, ки ҳунарманд дар нафси худ давлат аст, ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва садр нишинад ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад!

*Сахт аст, пас аз ҷоҳ таҳаккум бурдан,*
*Хӯ карда ба ноз, ҷаври мардум бурдан.*

***

*Вақте уфтод фитнае дар Шом,*
*Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.*
*Рустозодагони донишманд*
*Ба вазирии подшо рафтанд,*

***

*Надидаӣ, ки чӣ сахтӣ ҳаме расад ба касе,*
*Ки аз даҳон-ш бадар мекунанд дандоне.*
*Қиёс кун, ки чӣ ҳолат бувад дар он соат,*
*Ки аз вуҷуди азизаш бадар равад ҷоне.*

# Ҳафти сеҳрнок

Мардуми Шарқ аз қадимулайём ба рақами ҳафт муносибати махсус доштa, ин ададро муқаддас медонистанд. Чунончи, аз китоби «Ахлоқ ва тарбия дар таълимоти сӯфия» маълум мешавад, дунёи сағири инсон аз ҳафт ишкел: сар, чашм, бинӣ, гӯшҳо, даҳон, дастҳо ва пойҳо иборат аст. Дунёи кабир – осмону замин низ аз ҳафт табақа иборат мебошад. Рӯзҳои ҳафта низ ба ҳафт тақсим мешаванд. Китоби муқаддаси Қуръон низ аз ҳафт қисм иборат аст. Ҳангоми намоз инсон бо ҳафт узви хеш саҷда менамояд:

*Чунон к – аз тоати Ҳақ ҳафт андом*
*Ба вақти саҷда кардан хоксор аст.*

Ҳадди мулки Юсуф алайҳиссалом ҳафт буд. Асҳоби Каҳф ҳафт нафар буданд. Ҷумлаи ситорагони осмон низ ба ҳафт тақсим мешаванд:

*То бад – ин ҳафт фалак сайр кунад ҳафт ахтар,*
*Ҳамчунин ҳафт ба дидор бувад ҳафт авранг.*

Сураи «Фотиҳа» ҳафт оятро фаро гирифтааст. Расули Акрам (с) Каъбаро ҳафт маротиба тавоф кардаанд. Умри одамӣ ҳафт давраро тай менамояд ва илова бояд намуд, ки «Ҳафт пайкар» бузургтарин маснавии Низомӣ ва ҳафт ситора Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро зебу ороиш медиҳад. Ҳоҷиён кӯҳи Сафову Марваро низ ҳафт маротиба сайр менамоянд. Дар адабиёти классикии форсу тоҷик низ бо номи «Ҳафт авранг», «Ҳафт ахтар», «Ҳафт айвон», «Ҳафт қалам» ва ғайра иборaҳое вомехӯранд, ки ба рақами ҳафт вобастагӣ доранд.

# Мотами модашер

Ҳамсари Шер – шоҳи ҷангал ва шаҳаншоҳи ҳайвон мемирад. Ҳама барои таслият меоянд, оҳу нола мекунанд, шуаро марсияҳо мехонанд, маддоҳон таърифу тавсифи зиёде…

Танҳо Оҳу ба ин маъракаи мотам намеояд, зеро ӯ нисбат ба модашер кинаи дерина дошт, ҳамсару писарашро ҳамин модашери фавтида дар вақташ пӯст канда буд. Надимони Шер зуд ба ӯ мерасонанд, ки аз ин фоҷиа ҳама гирёнанду танҳо Оҳу хушнуд аст, ҳатто ӯ ба таъзия наомад, гиря ҳам накард, ин хиёнат аст…

Шер зуд Оҳуро наздаш мехонад ва сабаб мепурсад. Ин лаҳза Шер тайёр буд, ки Оҳуро барои ин кораш тикаву пора кунад. Аммо Оҳу бо риояи тамоми расму русуми қабул арз мекунад, ки ҳамин шаб хоби аҷибе дидааст: модашер дар биҳишт кайфу сафо дорад, ба чизе эҳтиёҷаш нест, ӯро огоҳ кардааст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ нолаву фиғон накунад, зеро акнун макони зебову зиндагии пурсафоро дарёфтааст…

Ончунон нақли Оҳу ширину пуртахайюл буд, ки ҳама, аз ҷумла Шер низ моту ҳайратзада мегарданд: чӣ лозим гиряву мотам, вақте ки модашер ҷойи роҳат ёфтааст…




Ҳамин тавр, Шер Оҳуро инъоми зиёде дода, бо эҳтиром гуселаш мекунад.

**Хулосаи масал:** *Бо бархе «бузургон» тавре бояд сухан гуфт, ки қобили пазириши табъи онон бошад… Вагарна, ҳазору як муаммо сари роҳатон пайдо хоҳад шуд.*

# Най ва булут

Булути мустаҳкаму сершоху барг ба ниҳолаки нозуки най механадад: най чунон нозук аст, ки бо андак вазидани бод ҳам меҳӯрад, ҳатто агар парандае болояш нишинад, ҳам мешавад.

Аммо ӯ, дарахти булут, ончунон мустаҳкам аст, ки аз ягон офат ҳарос надорад. Най тамасхури булутро қабул надорад, ҳарчанд шамол ӯро ҳам кунад ҳам, аммо намешикад, аммо булут… Ку, бубинем…

Рӯзе аз рӯзҳо ончунон тӯфоне бармехезад, ки ногуфтанӣ. Най худро ба замин яксон карда, аз ин бало мераҳад, аммо булут тоқат мекунад, тоб овардан меҳоҳад. Шамолу тунбодӣ сахт оқибат булутро аз решааш канда як сӯ мепартояд.

**Хулосаи масал:** *Инсонҳои худхоҳу эгоист, ки гумон мекунанд, умре дар роҳату кайфу сафо мезиянд ва парвои буду набуди дигаронро надоранд, аз тунбоди ҳаводис хабаре надоранд.*

***Тарҷума ва хулосаҳои***
***Ҳафиз РАҲМОН***

# Дар ситоиши бонувон

*Зан аз дӯстӣ ба ишқ мерасад, мард аз ишқ ба дӯстӣ.*

***



*Афкору ахлоқ ва рафтори занони ҳар қавме хуб ё бад, сохта ва пардохтаи мардони ҳамон қавм аст.*

***

*Зан аз шавҳар падарӣ меҷӯяду мард аз зан модарӣ.*

***

*Зан бутест, ки мард бо дасти худ месозад ва дар пойи ӯ ба зорӣ меафтаду саодате таманно мекунад, ки он аз уҳдаи бут барнамеояд.*

***

*Занон аз пирӣ беш аз марг метарсанд.*

***

*Зинати занон барои барангехтани ҳасади якдигар аст, вагарна модарон ба рӯйи хубу хулқи хуш дил мебозанд, на ба зинату либос.*

***

*Мард шер асту зан шербон. Нигаҳдории шер аз шер будан душвор аст.*

***

*Занҳо фақат як имкони зебо будан, аммо садҳо имкони дилрабо будан доранд.*

***

*Зан қалби мард буда, илҳомбахши мо ба корҳои бузург аст.*

***

*Занон ҳеҷ гоҳ чунин тавоно намешаванд, агар бо заифӣ мусаллаҳ гарданд.*

# Хӯшае аз ҳар гӯшае

Тақрибан 100 намуд вируси гуногун вуҷуд дорад, ки боиси шамолхӯрии одамон мешавад.

***

Чашмони одамизод қодир аст, ки 10 000 000 намуди рангро фарқ кунад.

***

Бо чашмони кушода атса задан ғайриимкон аст.

***

Занҳо нисбат ба мардон ду маротиба зиёдтар мижжа мезананд.

***

Дар организми инсон забон аз ҳама мушаки пуркувват ба шумор меравад.

***

Вақти таваллуд кӯдак 300 устухон дорад, вале баъди калон шудан ин устухонҳо 206 ададро ташкил медиҳад.

***

Миқдори равғани бадани инсон ба равғани ҳафт собун баробар аст.

***

Дар як сол дили одам 36 800 000 маротиба метапад.

***

Нохуни даст нисбат ба нохуни пой чор маротиба зиёдтар месабзад.

***

Дар тӯли зиндагӣ пӯсти одам тақрибан 1000 маротиба иваз мешавад.

***Таҳияи Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

# Лутфи латиф

Хушомадгӯйи ҳоҷапараст аз рӯйи таъбири «аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан» амал карда, оқибат гарданашро шикаст.

***

Ду пояш аз замину дастонаш аз осмон канда шуд. Ба Моҳ парвоз кард.

***

Рӯзноманигоре ба устодаш, ки ба нафақа баромада буд, рӯзномаҳои навро пешниҳод кард, ки хонда аз навигариҳо огоҳ гардад. Устод хандидаву даст афшонда гуфт:

- Дигар газета намехонам. Ҳафтод соли замони Шӯравӣ «Правда» хондем, ҳамааш «неправда» будааст.

***

Аз асари нависандае: “Хоб дидам, ки дар хобам хоб дида истодаам”.

***

Нависанда Нарзулло Тиллозода бо омӯзгорону устодон ва шахсони маъруфи ҷамоати деҳоте, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекард, воҳӯрӣ баргузор намуд.

Дар воҳӯрӣ нависандаи ҷавоне, ки дар худуди ҷамоат зиндагӣ мекард, даъват нашуд. Нависандаи ҷавон дар суҳбат бо Нарзулло Тиллозода аз ин ҳол ранҷиши худро изҳор намуд. Н. Тиллозода ҳайрон монда, гуфт, ки даъватномаҳоро раиси ҷамоат бо пешниҳоди ман тайёр карда, ба даъватшудагон расонда буд.

- Номи шумо дар рӯйхати даъватшавандагон дар аввал қарор дошт, - афсӯс хӯрд нависанда.

Нависандаи ҷавон ба кори муҳиме назди раиси ҷамоат даромада, дар омади гап аз даъватномаю даъват нашуданаш ба воҳӯрӣ бо Нарзулло Тиллозода сухан кушод.

Раиси ҷамоат (ҳоло собиқ) «дуруст, дуруст, даъватномаи шумо дар дасти ман аст, - гуфт ва аз галладон даъватномаро баровaрда ба нависанда дароз кард:

- Ана, марҳамат.
- Охир, воҳӯрӣ кайҳо гузоштаасту шумо нав даъватномаро ба ман месупоред? - хафагиашро пинҳон надошт нависандаи ҷавон.
- Ҳеҷ гап не, - даҳонашро калон кушода, ба ҷойи узру бахшиш хандида гуфт раиси ҷамоат, дер ояду шер ояд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор***

# Марҳабо ба даргоҳи касбу ҳунар!

Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд. Тибқи сохтор дар муассиса 2 факултет, 5 кафедра, 6 шуъба, 6 бахш ва 3 марказ амал менамоянд.

Ҳамзамон, дар муассисаи таълимӣ 45 синфхона, 5 озмоишгоҳ, 5 устохонаи таълимӣ, 1 китобхона, 1 китобхонаи электронӣ, 1 синфхонаи лингофонӣ, 2 маркази қабули имтиҳонҳо, 2 синфхонаи компютерӣ мавҷуд мебошад. Синфхонаҳо, устохонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо бо 1084 курсӣ, 426 миз, 116 компютер пайваст бо шабакаи интернет, 13 тахтаи электронӣ, 20 принтер, 67 ҷевони китоб ва дигар воситаҳои техникию таълимӣ ҷиҳозонида шуда, ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд.

Мӯҳлати таҳсил дар шуъбаи рӯзона дар заминаи синфи 9 чор сол, дар заминаи синфи 11 се сол ва дар шуъбаи гоибона чор сол буда, хатмкунандагони муассиса соҳиби маълумоти миёнаи касбӣ мегарданд. Донишҷӯёни шуъбаи рӯзона бо хобгоҳ ва идрорпулӣ таъмин карда мешаванд.

Мувофиқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2008, №05/721801 хатмкардагони муассиса метавонанд, тариқи суҳбат ба дилхоҳ донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ дар курси 2-юм ва 3-юм дохил шуда, таҳсилро идома диҳанд.

**ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ-ОМӮЗГОРӢ**

Дар факултети муҳандисӣ-омӯзгорӣ кафедраи энергетика ва нақлиёти автомобилӣ, кафедраи филология ва кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо омӯзгорони баландихтисос, соҳибтаҷриба ва дорои унвонҳои илмидошта ҷалб гардидаанд. Факултети муҳандисӣ-омӯзгорӣ аз рӯи ихтисосҳои нақлиёти автомобилӣ, мошинсозӣ, таъминоти барқ, сохтмон, таҷҳизоти санитарӣ-техникии биноҳо ва иншоот, таъминоти техникии корҳои кишоварзӣ, истифодабарии неругоҳҳо ва неругоҳҳои хурди барқӣ, таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ тибқи талаботи бозори меҳнат мутахассисонро омода менамояд.

**ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ИҚТИСОДИЁТ**

Дар факултети технология ва иқтисодиёт кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотӣ ва дизайн амал менамоянд, ки дар онҳо омӯзгорони баландихтисос, соҳибтаҷриба ва дорои унвонҳои илмидошта ба таълим фаро гирифта шудаанд. Факултети технология ва иқтисодиёт мутахассисонро аз рӯи ихтисосҳои таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ, технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ, иқтисодиёт ва ташкили дар соҳаи сайёҳӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ ва технологияи маҳсулоти қаннодӣ омода менамояд.

**Нишонӣ: н. Фирдавсӣ, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, 48.**
**Телефонҳо барои тамос: 2-31-89-99; 2-31-27-30; 2-31-86-34; 555-55-16-08; 903-03-2701.**
**Сомона: WWW.KMOD.TJ.**
**Нақлиёт: 2, 6, 10, 11, 14, 19, 28, 41, 45, 46, 55**

## НАҚШАИ қабули донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе" барои соли таҳсили 2022-2023

| № р/т | Рамзи ихтисос | Номгӯи ихтисосҳо | Тибқи иҷозатнома | Нақшаи қабул | Ҳамагӣ | Шуъбаи рӯзона: Буҷавӣ, Синфи 11 | Шуъбаи рӯзона: Буҷавӣ, Синфи 9 | Шуъбаи рӯзона: Шартномавӣ, Синфи 11 | Шуъбаи рӯзона: Шартномавӣ, Синфи 9 | Маблағ | Ҳамагӣ | Шуъбаи гоибона: Буҷавӣ, Синфи 11 | Шуъбаи гоибона: Шартномавӣ, Синфи 11 | Маблағ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **КЛАСТЕРИ ЯКУМ** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1. | 2-080101 01 | Таълими касбӣ (мошинсозӣ) | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 2. | 2-080101 31 | Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) | 48 | 48 | 48 | 10 | - | 14 | - | 2265 | 24 | 10 | 14 | 1510 | 24 |
| 3. | 2-080101 05 | Таълими касбӣ (сохтмон) | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2265 | 24 | | | | |
| 4. | 2-430103 | Таъминоти барқ (аз рӯи соҳаҳо) | 48 | 48 | 48 | 10 | - | 14 | - | 2475 | 24 | 10 | 14 | 1610 | 24 |
| 5. | 2-43010131 | Истифодабарии таҷҳизоти неругоҳҳо ва неругоҳҳои хурди барқӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 1925 | 24 | - | - | - | - |
| 6. | 2-400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 7. | 2-500135 | Технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | - | 14 | - | 2300 | 24 | 10 | 14 | 1400 | 24 |
| 8. | 2-700431 | Таҷҳизоти санитарӣ-техникии биноҳо ва иншоот | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2080 | 24 | - | - | - | - |
| **КЛАСТЕРИ ДУЮМ** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9. | 2-270131 05 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2030 | 24 | - | - | - | - |
| 10. | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 11. | 2-270131 23 | Иқтисодиёт ва ташкил дар соҳаи сайёҳӣ | 24 | 24 | 24 | 10 | - | 14 | - | 2380 | 24 | - | - | - | - |
| **КЛАСТЕРИ СЕЮМ** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12. | 2-010101 | Таҳсилоти томактабӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | - | 14 | - | 1800 | 24 | 10 | 14 | 1170 | 24 |
| 13. | 2-010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 48 | 48 | 48 | 10 | - | 14 | - | 2000 | 24 | 10 | 14 | 1400 | 24 |
| **Ҳамагӣ дар заминаи синфи 11** | | | **432** | **432** | **432** | **130** | **-** | **182** | **-** | | **312** | **50** | **70** | | **120** |
| **КЛАСТЕРИ ЯКУМ ДАР ЗАМИНАИ СИНФИ 9** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1. | 2-080101 01 | Таълими касбӣ (мошинсозӣ) | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 2. | 2-080101 31 | Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2265 | 24 | - | - | - | - |
| 3. | 2-080101 05 | Таълими касбӣ (сохтмон) | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2265 | 24 | - | - | - | - |
| 4. | 2-430103 | Таъминоти барқ (аз рӯи соҳаҳо) | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 5. | 2-43010131 | Истифодабарии таҷҳизоти неругоҳҳо ва неругоҳҳои хурди барқӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 1925 | 24 | - | - | - | - |
| 6. | 2-400101 | Таъмини барномавии технологияи иттилоотӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 7. | 2-500135 | Технологияи истеҳсолоти дӯзандагӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2300 | 24 | - | - | - | - |
| 8. | 2-490101 05 | Технологияи маҳсулоти қаннодӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2265 | 24 | | | | |
| **КЛАСТЕРИ ДУЮМ** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9. | 2-270131 05 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи нақлиёти автомобилӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2030 | 24 | - | - | - | - |
| 10. | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2475 | 24 | - | - | - | - |
| 11. | 2-270131 23 | Иқтисодиёт ва ташкил дар соҳаи сайёҳӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2380 | 24 | - | - | - | - |
| **КЛАСТЕРИ СЕЮМ** | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12. | 2-010101 | Таҳсилоти томактабӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 1800 | 24 | - | - | - | - |
| 13. | 2-010201 | Таҳсилоти ибтидоӣ | 24 | 24 | 24 | - | 10 | - | 14 | 2000 | 24 | - | - | - | - |
| **Ҳамагӣ дар заминаи синфи 9** | | | **312** | **312** | **312** | **-** | **130** | **-** | **182** | | **312** | **-** | **-** | **-** | **-** |
| **Ҳамагӣ дар Коллеҷ** | | | **744** | **744** | **744** | | **130** | **182** | **182** | | **624** | **50** | **70** | | **120** |

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи ТШТУ №0037678, ки онро соли 2006 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Сандалов Маҳмадзариф Шарифович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №620468 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1991 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Ибрагимова Фотима Шарифовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0492995 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2016 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҳомидов Муҳамадрозиқ Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи ТШТА №0203928, ки онро муассисаи таҳсилоти асосии №61-и ноҳияи Варзоб соли 2008 пас аз хатми синфи 9 ба Баҳораи Мурод додааст, эътибор надорад.

## Нодиршоҳ ИСМАТОВ

2 марти соли равон марги нобаҳангом як тан аз собиқадорони соҳаи маориф Нодиршоҳ Исматовро аз байни мо рабуд. Нодиршоҳ Исматов умри худро сарфи хидмат ба соҳаи маориф кардааст. Фаъолияти ӯ аз омӯзгор дар мактаби миёна огоз гардида, то корманди Вазорати маориф ва илм идома ёфтааст.

Шодравон беш аз 15 сол ба ҳайси мудири анбори китобҳои дарсии Вазорати маориф ва илм, ки миллионҳо нусха адабиёти таълимӣ дар он ҷо нигоҳдорӣ мешавад, фаъолият мекард. Инсоне буд ҳам дар кор ва ҳам дар муносибат бо ҳамкорону дӯстон намуна ва самимӣ.



Хотираи марди шариф ва заҳматкаш Нодиршоҳ Исматов дар дилҳо абадӣ маъво гирифта. Хонаи охираташ ободу пурнур бошад.

**Кормандони Вазорати маориф ва илм, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии вазорат ва аҳли қалами нашрияи «Омӯзгор» аз даргузашти Нодиршоҳ ИСМАТОВ андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва хешону пайвандони марҳум ҳамдардии амиқ баён мекунанд.**

**Устодону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аҳли қалами нашрияи «Омӯзгор» ба декани факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми таърих, профессор Раҳмоналӣ Шарифов бинобар даргузашти МОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Кормандони нашрияи «Омӯзгор» аз даргузашти олими номвар, муаллифи собиқадор ва фаъоли ҳафтанома Рӯзӣ АҲМАДОВ андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори таслият мекунанд.**

# Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**Дастгоҳи марказӣ**

1.Сармутахассиси бахши молия ва муҳосибот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1380 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

1.Сардори раёсат – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 2374,6 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2.Сармутахассис - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1186,8 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Суғд**

1.Муовини сардори раёсат – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1946,8 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2.Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 800,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Хатлон**

1.Сармутахассис – 2 ҷой, маоши мансабӣ – 1186,8 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2.Мутахассиси пешбар - 2 ҷой, маоши мансабӣ – 972,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар шаҳри Душанбе**

1.Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 972,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2.Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ – 800,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

1.Сардори шуъба - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1444,6 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ;

2.Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 924,6 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Ҳисор**

1.Мутахассиси пешбар - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 924,6 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Рашт**

1.Мутахассис - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 883,2 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Зарафшон**

1.Сардори шуъба - 1 ҷой, маоши мансабӣ – 1444,6 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

– ариза ба унвони роҳбари мақомот;
– варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
– тарҷумаи ҳол;
– нусхаи шиноснома;
– нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
– маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ, шакли 038УЕ;
– нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
– маълумотнома аз мақомоти андоз дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;
– маълумотнома оид ба доғи судӣ;
– маълумотнома дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ;
– нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
– нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
– 2 адад акси андозаи 4х6 ва 2 адад акси андозаи 3х4;
– маълумотнома (справка-объективка) бо акси ранга.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғолкунандагони мансаби сардори раёсат:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғолкунандагони мансаби муовини сардори раёсат:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**барои ишғолкунандагони мансаби сардори шуъба:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**барои ишғолкунандагони мансаби мудири бахш:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**барои ишғолкунандагони мансаби сармутахассис:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**барои ишғолкунандагони мансаби мутахассиси пешбар:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

**барои ишғолкунандагони мансаби мутахассис:**

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:**
**Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Садриддин Айнӣ 126, шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ, эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар давлатҳои хориҷӣ (Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе, ошёнаи 3).**
**Телефонҳо: 225-83-28, 225-83-32.**
**Мӯҳлати охирини қабули ҳуҷҷатҳо баъд аз 21 рӯзи нашри озмун дар бораи гузаронидани озмун.**

# Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор»

## қабули довталабонро барои соли таҳсили 2022-2023 дар заминаи таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ эълон мекунад:

**Шуъбаи рӯзона:**

а) бо маълумоти миёнаи асосӣ (баъд аз хатми синфи 9) мӯҳлати таҳсил – 3 солу 10 моҳ
1. 2-010201-Таҳсилоти ибтидоӣ
2. 2-010101-Таҳсилоти томактабӣ
3. 2-020301-Забон ва адабиёти тоҷик
4. 2-020135-Забони англисӣ
5. 2-020501-Математика
6. 2-020601.03-Технология (Меҳнати хизматрасонӣ)

**Шуъбаи рӯзона:**

б) бо маълумоти миёнаи умумӣ (баъд аз хатми синфи 11) мӯҳлати таҳсил – 2 солу 10 моҳ
1. 2-010201-Таҳсилоти ибтидоӣ
2. 2-020134-Забон ва адабиёти рус
3. 2-020135-Забони англисӣ
4. 2-020201-Таърих
5. 2-020501-Математика
6. 2-020505-Информатика
7. 2-020401-Биология
8. 2-310201-География
9. 2-010201.31-Тарбияи ҷисмонӣ
10. 2-02050302-Математика-информатика

**Шуъбаи ғоибона:**

в) бо маълумоти миёнаи умумӣ (баъд аз хатми синфи 11) мӯҳлати таҳсил - 2 солу 10 моҳ
1. 2-010201-Таҳсилоти ибтидоӣ
2. 2-010101-Таҳсилоти томактабӣ
3. 2-020301-Забон ва адабиёти тоҷик
4. 2-020134-Забон ва адабиёти рус
5. 2-020201-Таърих
6. 2-020505-Информатика
7. 2-020401-Биология
8. 2-310201-География
9. 2-010201.31-Тарбияи ҷисмонӣ
10. 2-020601.03-Технология (Меҳнати хизмат-расонӣ)
11. 2-02050302- Математика-информатика

Довталабон пас аз бомуваффақият супоридани имтиҳонҳо дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро ба комиссияи қабул пешниҳод менамоянд:
1. Ариза ба номи директор
2. Шаҳодатнома дар бораи маълумот (аслаш)
3. Маълумотномаи тиббӣ (шакли №38-У)
4. 6-дона расм (андозаи 3х4)
5. Шиноснома бо нусхааш
6. Маълумотнома аз ҷои зист

**Рамзи коллеҷи мо дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 517**
**Суроғаи мо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ҳисор, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ - 2**
**Телефон: (8-3139) 25-4-30**
**Почтаи электронӣ: kgiss12@mail.ru**

# НАРХНОМАИ ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот дар соли 2022

| Т/р | Номгӯи ҳуҷҷатҳо | Нарх |
|---|---|---|
| 1 | Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ бо варақаи илова ба Аттестат ( Т-АТА-синфи 9) | 7 сомону 84 дирам |
| 2 | Аттестати аъло дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ бо варақаи илова ба Аттестат ( Т-АТА (аъло)- синфи 9) | 7,28 |
| 3 | Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо варақаи илова ба Аттестат ( Т-АТУ - синфи 11) | 7,84 |
| 4 | Аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААТ | 59,77 |
| 5 | Аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААТ | 59,77 |
| 6 | Аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААТ | 59,77 |
| 7 | Аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААН | 59,77 |
| 8 | Аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААН | 41,68 |
| 9 | Аттестати аълои универсалӣ бо медали нуқра дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ Т-ААН | 41,68 |
| 10 | Медали нуқра | 274,10 |
| 11 | Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ хориҷӣ (Т-АТУХ - синфи 11) | 7,28 |
| 12 | Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ хориҷӣ (Т-АТАХ - синфи 9) | 7,28 |
| 13 | Аттестати аъло дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ хориҷӣ (Т-АТАХ(аъло) - синфи 9) | 7,28 |
| 14 | Дипломи таҳсилоти олии касбии зинаи мутахассис бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДТО) | 35,07 |
| 15 | Дипломи аълои таҳсилоти олии касбии зинаи мутахассис бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДОА (аъло)) | 32,02 |
| 16 | Дипломи таҳсилоти олии касбии зинаи бакалавр бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДМБ) | 27,23 |
| 17 | Дипломи аълои таҳсилоти олии касбии зинаи бакалавр бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДБА (аъло)) | 51,40 |
| 18 | Дипломи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДХМ) | 53,26 |
| 19 | Дипломи аълои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДХМ (аъло)) | 58,94 |
| 20 | Дипломи таҳсилоти олии касбии зинаи магистр бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДММ) | 32,41 |
| 21 | Дипломи аълои таҳсилоти олии касбии зинаи магистр бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДМА (аъло)) | 45,96 |
| 22 | Дипломи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДТК) | 27,83 |
| 23 | Дипломи аълои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо замимаи Диплом бе навиштаҷот (ДКА (аъло)) | 32,78 |
| 24 | Дипломи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо варақаи илова ба Дипломи таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 37,99 |
| 25 | Дипломи аълои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо варақаи илова ба Дипломи аълои таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 51,40 |
| 26 | Шаҳодатнома барои курсҳои кӯтоҳмуддат бо варақаи илова ба шаҳодатнома | 11,43 |
| 27 | Сертификат барои курсҳои кӯтоҳмуддат | 4,07 |
| 28 | Маълумотномаи академӣ (СП) | 1,47 |

ШАМЪИ ХОТИРА

# Марди накуном



Марги ӯ бароямон ногаҳонӣ буд. Касе гумон намекард, ки устод ба ин зудӣ ҳамаро тарк мегӯяд. Марги аксар инсонҳои нексиришту поктинат ҳамин гуна ногаҳониву ғайричашмдошт аст. Дар ҳар сурат, имрӯз ҷои ӯ холист, зеро воқеан дар ҷомеа тавониста буд соҳиби мақоми арзандае гардад.

21-уми январи соли равон, қалби номзади илмҳои физика-математика, дотсенти Донишгоҳи тиббии ноҳияи Данғара Ситамов Саъдулло аз тапидан боз монд. Ӯ 7 марти соли 1947 дар деҳаи Боғи Дилкушои Дуоби ноҳияи Муъминобод, дар оилаи колхозчӣ ба дунё омадааст. Соли 1964 мактаби миёнаи деҳаро ба баҳои аъло хатм кардааст. Ҳамон сол донишҷӯи факултети физика-математикаи Университети давлатии ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) шуд.

Баъди хатми Донишгоҳ, солҳои 1969-1970 ба сифати ходими хурди илмии Институти астрофизикаи АИ ҶТ фаъолияти худро ба роҳ монда, солҳои 1978-1981 аспиранти Университети давлатии ба номи М.В. Ломоносови шаҳри Москва буд. Соли 1985 дар мавзуи "Термодинамикаи корношоямшавии полимерҳои дар ҳангоми таъсири моеъҳо ва шиддатҳои муракқаб дар ҳароратҳои паст" дар Донишкадаи асбобсозии шаҳри Москва рисолаи номзадии худро ҳимоя намуда, то соли 2001 мудири кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ шуда кор кардааст. Солҳои 2001-2005 декани факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав буд. Аз соли 2006 то соли 2016 дар кафедраи физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Данғара аз фанни физика дарс мегуфт.

Устод Саъдулло Ситамов дар тӯли фаъолияти педагогии худ зиёда аз 106 мақолаи илмӣ-методӣ оид ба физика навиштааст. 9 монография ва маҷмуи корҳои лабораторӣ навишта, дастраси донишҷӯён гардонидааст.

Саъдии бузургвор мефармояд:

*Саъдиё, марди накуном намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш ба накуӣ набаранд.*

Хотираи неки устод Саъдулло Ситамов дар дили ҳамкорон ва шогирдон абадӣ боқӣ хоҳад монд.

*Ҳ. ПИРОВ, С. ТАҒОЕВ, Ч. НАБИЕВ, Н. БАРОТОВ, устодони Донишгоҳи давлатии Данғара*

# Диққат: озмун!

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон барои беҳтарин мақолаҳо дар мавзуи **«Пешвои миллат – ҳомӣ, арҷгузор ва тарғибгари забони тоҷикӣ»** озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба хидматҳои барҷаставу мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони тоҷикӣ ва ифтихори миллию асолати таърихӣ дар осори Пешвои муаззами миллат таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Мақолаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ ва ё методӣ бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи сентябр идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи забони давлатии Тоҷикистон (5-уми октябр) ҷамъбаст мегардад.

**Мукофотҳо барои ғолибон:**

**Ҷойи 1 – 2200 сомонӣ**
**Ҷойи 2 – 1600 сомонӣ**
**Ҷойи 3 – 1200 сомонӣ**

**Таъкид:**

Ҳаҷми мақолахо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times Nev Poman Tj. 14 - 1,5 интервалӣ) зиёд бошад, дар акси ҳол, ба озмун роҳ намеёбанд.

Пас аз ҷамъбасти озмун мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида интишор хоҳанд шуд.

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**
**Ҳафтаномаи «Омӯзгор»**

# Диққат: озмун!

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо мақсади нақшгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат эълон шудааст, барои беҳтарин мақолаву гузоришҳо дар мавзуи **«Нақши маориф ва илм дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат»** озмун эълон менамояд. Нигоштаҳое, ки ба озмун фиристода мешаванд, бояд умдатарин масоили рушди саноат, ҳамбастагии илму амал, имконоту мавқеи аҳли маориф вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар бахшида шуда, мулоҳизоту пешниҳодот ва андешаву баррасиҳои ҷолиббо дар бар гиранд, забони равону муассир дошта бошанд.

**Озмун аз оғози моҳи феврал то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ҷамъбаст мегардад.**

**Барои ғолибон мукофотҳои зерин муқаррар шудааст:**

**Ҷои аввал: 2000 сомонӣ**
**Ҷои дуюм: 1500 сомонӣ**
**Ҷои сеюм: 1000 сомонӣ**

Ғолибон, ҳамчунин, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Rjman Tj 14-1,5 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.

Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА

Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ч. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ӯҳда нагирад. *Навбатдори шумора А. МУРОДӢ*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40765 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.